105634

ршиқов



# ТАЪТИЛ

Нашриёти Давлатии
Тоҷикистон
Сталинобод
1959

1959 № 1033
Таджик. ССР

Б. Ортиқов



# ТАЪТИЛ

ПОВЕСТЬ

Нашриёти Давлатии
Тоҷикистон
Сталинобод
1959

Государственная
Респуб. библиотека Таджик. ССР
105634
0-70

Б. Артыков

КАНИКУЛЫ

Повесть

*(на таджикском языке)*

* * *

Муҳаррир *П. Толис*
Рассом *Д. Винокуров*
Муҳаррири расмҳо *Н. Остапко*
Муҳаррири техникӣ *И. Полторак*
Мусаҳҳеҳ *С. Хаимова*

* * *

Ба матбаа 6/II-1959 супорида шуд. Ба чопаш 18/IV-1959 имзо карда шуд. Коғази 70×92[1]/16. Ҷузъи чопӣ 4,25. Ҷузъи чопии шартӣ 4,97. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3,16. Тираж 5000. КЛ 01336. Супориши № 4110.

* * *

Сталинобод, Комбинати полиграфии Вазорати Маданияти РСС Тоҷикистон.

# I. Ба як қарор омадем

— Ҳамаи ин корҳо аз нобошамии ту сар зад,—гуфтам ман.

— Чаро аз нобошамии ман будааст? — чашмони кабудчаашро бечо карда аз ҷояш хест Малла.—Ту ҳамеша мусичеки бегуноҳ-а?

Ман айби ӯро кушоду равшан гуфтанӣ будам. Аммо худдорӣ кардам. Зеро маълум буд, ки агар ман даҳон кушоям, ин кашокашамон, албатта, ба ҷанги калон табдил меёбад.

Малла бачае буд калонҷуссаи фарбеҳ, сурхинарӯи бинипучук. Мӯйсар ва абрӯвони ӯ монанди тилло зардча метобиданд. Чашмони майда-майдаи осмониранги тез ва тобон дошт.

Номи аслии вай Шариф буда, бинобар зардии мӯйсар ва абрӯвонаш ҳама ӯро Малла меномиданд. Ба ин танҳо муаллимамон роҳ намедод, ки мо аз тарси ӯ Малларо дар синф „Шариф" меномидем. Аммо ҳамин ки аз назари муаллим дур шудем, боз „Малла" гуфта ҷеғ задан мегирифтем.

Малла одати хубе дошт, ки ба ин гуна гапҳо ҳаргиз оташин намешуд. Гоҳо фахр мекард, ки дар байни як синф бача танҳо вай ду ном дорад. Аммо тарафи дигари кор ӯро каме хафа мекард: мӯйсари вай дар баробари зард буданаш,

хамеша сих зада меистод. Хусусан мӯйхои ду чаккааш, ки Малла каллапӯшашро зер карда пӯшад ҳам хам намешуд, ҷорӯбро ба хотир меовард.

— Ман калон шавам ҳам мӯйсар намемонам,—мегуфт худи ӯ маъюсона.

— Чаро?—гуфта мепурсидем мо.

— Дида истода боз „чаро?" мегӯед-а?—каме оташин шуда ҷавоб медод Малла.—Ҳафтае як маротиба метарошонаму боз сих зада меистад. Агар мӯйсар монам, сарам ба чайра монанд мешаваду мемонад.

Мо завқ карда механдидем. Вале худи ӯ табассум ҳам намекард.

Хонаи Маллаино дар қишлоқи Қамонгарон буд. Қишлоқи моро Қирғизон меномиданд, ки дар лаби дарьёи Кофарниҳон, дар поёнтари кӯпрук воқеъ гардида буд. Малла бо ман аз аввал дар як синф мехонд. Мана, имсол дуямон ҳам синфи чорумро тамом карда, ба синфи панҷум гузаштем. Баробари сар шудани таътили тобистона ҳар кас ба кори дилхоҳи худ машғул шуд.



Раиси совети отрядамон Хуррам ва сардори звеноямон ба лагери пионерӣ рафтанд. Рахим, ки орзуи механик шудан дошт, барои аз худ намудани кисмхои трактор ба сахро, ба назди акои комбайнчиаш баромада рафт. Рафику Рустамчон бошанд, ба ёрии падаронашон, ки чӯпони колхозанд, ба кӯхсор рафтанд. Хамида бошад, ханӯз тахсил ба охир нарасида, баъди дарс ба модараш, ба ошпазии яслии колхоз ёрӣ мерасонд. Факат ману Малла, ки барои худ ягон кори муносибе ёфта натавониста будем, то холо мунозира мекардем.

— Малла, аз ин кашокаши бехуда хеч мурод хосил намешавад,—гуфтам.—Бехтараш гӯш кун, ки ман чӣ мегӯям.

— Майлаш,—гуфт Малла хам кадаре аз дамаш фаромада.

Ман ки ба таътил баромадан ин чониб фикр карда мегаштам, ки ба чӣ кор машғул шавем, масъалаи гӯсолабонӣ карданро ба миён гузоштам.

— Кори чанд рӯз боз хаёл карда ёфтагиат хамин?—тамасхуромез хандида гуфт Малла.—Ин намешавад. Мо чунон коре пайдо кунем, ки то хол ба фикри хеч кас нарасида бошад. Сонӣ ту медонӣ, ки исту бисти гӯсолахо касофат аст. Онхо хайвонхои бисьёр калбанд, ки аз чӯи калонтар чаханд, даррав пояшон мешиканад. Боз чунон лаванд мешаванд, ки агар ба лаби ягон чарие раванд, кор тамом, зуд каллапо шуда меафтанд. Колхоз бошад, товони гӯсоларо аз ману ту мегирад.

Аз як тараф, гапи Малла рост буд. Дар хотир дорам, ки соли гузашта гови хамсоямон ба чарӣ парида мурда буд. Бечораи подабон бошад, аз колхоз карз гирифта, товони говро дод. Бинобар хамин, аз бахри гӯсолабонӣ гузашта, дуйӯмин кори фикр кардаамро ба Малла гуфтам. Вай ин дафъа даррав чавоб надод. Чашмонашро ба замин дӯхта



фурсате хаёл карду сонӣ пушти сарашро хорида-хорида:

— Қӯчқорҳои колхозро фэрбеҳ карда медиҳем-а?—гӯё худ ба худ гап зада истода бошад, ба сухан даромад Малла.— Лекин ту ба гӯсфандҳо душман будани гургро медонӣ?

— Набошад-чӣ?—гуфтам ман ба ӯ.—Медонам.

— Пас ин корро мо чӣ хел ба гардан мегирем?—гуфт боз Малла.—Рафту ягонтаи гӯсфандро гург хӯрда монад?

— Чаро мемондаем, ки гӯсфандро гург хӯрда равад?— гуфтам ман.—Охир, ҳама вакт эҳтиёт мешавем-дия.

— Медонам, ҳама вакт хушьёр мешавем. Аммо „фалокат аз таки по мебарояд". Рафту ба ягон гурги фиребгар вохӯрда монем?

...Ба ҳамин тарик, рӯзҳо паи ҳам мегузаштанду ҳардуи мо ба як фикр омада наметавонистем.

Пагоҳии рӯзи панҷуми таътил буд, ки ба ҳавлии мо Малла даромада омад. Ман ӯро ба болои суфачае, ки дар байни гулзор буду рӯи онро дарахти беди миёнкач соя карда меистод, таклиф кардам. Малла дар як канори суфа нишаст ва дарҳол ба рӯи ман чашм дӯхта пурсид:

— Мардон, канӣ, ягон кори нав ёфтӣ?

Ба ман, ки ғайр аз гӯсолабонии фермаи колхоз дигараш маъкул набуд, боз ҳамон масъаларо ба миён гузоштам.

— Наход ки дар дунъё кори дигар набошад?—оташин шуда гуфт Малла.

— Набошад, худат медонӣ,—гуфтам низ оташин шуда.— Ман ба назди Толибу Фароғатино рафта гӯсолабонӣ мекунам.

Малла часта аз ҷояш хесту ба ман ало нигоҳ кард. Вай ким-чӣ хел гапи дағал гуфтанӣ буд. Вале якбора говхонаамонро ба сараш бардошта, доду фиғонкунон баромадани мурғи чипор ӯро аз сухан боздошт.

Чипор кариб понздаҳ рӯз ин ҷониб дар болои тухм мехобид. Вай парҳои гарданашро ҷайравор хезонда, кут-куткунон як-як кадам мемонд, ба ҷӯйча ҳам шуда тез-тез об менӯшид.

— Мардон! Ёфтам, ёфтам!—гуфт хурсандона ба рӯи ман нигоҳ карда Малла.

— Чиро ёфтӣ?

— Ёфтам-дия,—гуфт боз мағрурона сар ҷунбонда Малла.—Акнун ба ин каллаи ман коил нашуда ҳам бин!

— Фақат калонгапӣ...

— Набошад, гӯш кун. Колхозамон фермаи мурғпарварӣ дорад-а? Рафта ба корҳои мурғхона ёрӣ додан мегирем. Ин, аз як тараф, осон аз тарафи дигар, мурғҳо ҳеҷ офате надоранд.

— Қандата зан, Малла,—гуфтам ман хурсанд шуда.—Майнаат майнаи профессор барин кор кард-дия.

Малла таърифи маро шунида, боз ба аспи фахру ғурур савор шуд.

— Медонӣ,—мегуфт вай монанди одамони калонсол гап зада,—хубии мурғбонӣ ин аст, ки онҳоро чун гӯсолаю гӯсфанд пешандоз карда гаштан лозим нест. Мурғҳо бисьёр кобиланд, худашон гаштан мегиранд. Фақат аз обу донашон бохабар шавем, бас.

Ба ҳамин тариқ, дуямон ба як фикр омада қарор додем, ки то охири таътил дар мурғхонаи колхоз дӯстона кор мебарем. Малла пеш-пеш, ман аз қафои вай ба сӯи мурғхонаи колхоз раҳсипор шудем.

## II. Қавли пионерӣ

Агар аз бинои МТС қадаре гузашта, ба тарафи шимол назар кунед, каторгеппаҳои баландро мебинед. Роҳи на он қадар васеъ, ки аз пеши МТС сар мешавад, монанди нақши мор печутоб хӯрда ба он теппаҳо мебарояд, сонӣ ба нишебӣ, ба сӯи кишлоқи Маҷитон фуромада меравад. Дар рӯзҳои барфу бороии зимистону баҳор, ки роҳ хеле лағжонак мешавад, гаштани аробаю машинаҳои колхоз аз ҳад зиёд душвор мегардад. Вале ҳоло кор тамоман дигар: чи қадаре, ки бо он роҳи серҷангу хок боло баромадан гиред, ба димоғатон ҳамон қа-

дар бўи хуши гулҳои гуногун бисьёртар мерасад. Мо ҳоло дар болои теппа истодаем. Дарьёи шўхоби Кофарниҳон, ки дар айёми баҳор ба хурўш омада, заминҳои ду соҳилашро хеле вайрон мекунад, гўё аз таки поямон ҷорӣ шуда истодааст. Биноҳои сап-сафеди идораи колхоз ва мактабамон, ки дар қади як кўча ҷой гирифтаанд, аз байни дарахтони анбўҳ ба зўр ба чашм менамуданд.

Дар тарафи шимол қаторкўҳҳои Ҳисор, ки ҳанўз аз барфҳои зимистон тоза нашудаанд, дар нури офтоб нуқравор медурахшиданд.

Ман ғарқи тамошои атроф шуда, фурсате дар ҷоям истода мондам.

— Гард, рафтем,—гуфт Малла.

Мо ба нишебӣ фуромадем. Вале аниқ намедонистем, ки мурғхонаи нави колхоз дар куҷост. Ҳамин қадараш маълум буд, ки мурғхонаи нав дар қишлоқи Маҷитон сохта шудааст. Бинобар он мо аввал ба қишлоқ рафта, баъд мурғхонаро ҷустуҷў карданӣ будем.



Ба ногоҳ чеғи хурўсе шунида шуд.

— Исто,—гуфт Малла аз оринҷам гирифта,—овози хурўс? Аз они колхозамон барин.

— Гир-е, — киноя кардам ман ба ў.—Ту кай боз овози хурўсҳоро мешинохтагӣ шудӣ?

— Бовар намекунӣ?—гуфт Малла.—Ана, ана, худи худаш.

Ман, ки ин гуна „мўъҷиза"-ҳои Малларо борҳо дида ва ҳеҷ бовариам намонда буд, гуфтам:

— Малла, ту ин фолбини-

атро мону биё ки хар чи зудтар аз паи кор шавем. Дар ин карибихо аз мурғхона нишонае наменамояд. Пеш аз хама бояд ба кишлоки Мачитон равем.

Малла дилу бедилон ба рох даромад. Лекин чеғи хурўсхо паси хам такрор шудан гирифт. Баъд аз хамин дар дили ман хам шубхае пайдо шуду андаке дар рох истода мондам. Малла бошад, „ана, ана, мурғхонаи колхоз дар хамон тараф гуфтам-ку" мегуфт ва ба дудилагии ман нигох накарда, худаш рох сар кард. Мо каме бераха гашта, бар болои теппачае баромада будем, ки тамоми атроф ба назарамон намоён гардид. Дар поён юнучказори васеъ буда, дар байни он якчанд дарахти меваи бузург, хонахои калони бомхояшон бо шифер пўшида шуда намудор гардиданд. Мурғони бисьёри сап-сафед, ки аз болои теппача ба монанди коғазпорахои парешон хобида менамуданд, дар юнучказор сайр карда мегаштанд.



Хурсандии мо интихо надошт.

— Мурғхонаро ёфтем,—гуфтам ман, — акнун хамаи гап ба мудири ферма. Хохишамонро кабул кунад, хеле нағз мешудкуя.

—Кабул накарда чӣ,— бепарвоёна чавоб дод Малла.—Ба кораш ёрӣ мерасонему „чон" намегўядмӣ?

Атрофи юнучказор бо

панҷараи оҳанин иҳота карда шуда буд, барои даромадан роҳе надошт.

— Аҷаб одамҳое,—гуфта хандид Малла.—Мурғҳои бечораро ба ҳабс гирифтаанд-ку. Мо чӣ тавр медароем?

Ман китфонамро ба ҳам кашида, „намедонам“ гуфтам.

Панҷара зич ва хеле баланду нӯки симҳояш ба монанди сих тез буд. Мо аз паи ёфтани дари вай шуда хеле пеш рафтем.

— Ӯҳӯ,—гуфт баногоҳ Малла.—Ана бин, ин девори панҷарагин чӣ хел дари калону занҷир-зулфини мустаҳкам доштааст. Ба ин ҷо мошину ароба ҳам бемалол даромадан мегирифтааст.

Дарвозаи калонро кушода, дарун даромадем. Аммо бисьёр нагашта, атрофамонро мурғҳо печонда гирифтанд. Онҳо шояд аз мо дон умед карда бошанд. Ноомади корро бинед, ки дар кисаи мо акаллан нонреза ҳам набуд.

— Андаке сабр кунетон,—навозишкорона ба мурғҳо нигоҳ карда мегуфт Малла,—агар моро ба нигоҳубини шумоён кабул кунанд, донро аз даҳону биниатон метикконем.

Мурғҳо гӯё ин гапҳоро мефаҳмида бошанд, сарҳояшонро ба як тараф хам карда, ба Малла нигоҳ мекарданд.

Ранги ҳамаи онҳо барф барин сап-сафед, тоҷҳояшон сурху пойҳояшон зардча метобиданд. Хурӯсҳо, ки аз мокиёнҳо дида кадаре калон ва коматбаландтар буданд, гарданҳояшонро рост гирифта савлатмандона кадам мезаданд. Онҳо доим ба мокиёнҳо назорат мекарданд. Аз ягон тараф шарфае шунида шавад, зуд ба мурғҳо „кад-кад-кад-кад“ гӯён хабар медоданд. Ҳамин ки гурӯҳи мурғҳо рамавор ба сӯе рафтанӣ мешуд, гарданҳои худро беандоза дароз намуда, пеш медаромаданд ва мисли командирҳои далер роҳ сар мекарданд.

— Дидӣ, аллакай ба мо ром шуданд,—мегуфт ба завк омада Малла.

Дар ин вакт аз даруни биное, ки дар наздикии дарвоза вокеъ шуда буд, мурғбон баромад. Мо ӯро мешинохтем. Вай Курбонсаид ном дошта, ба колхози мо ба карибӣ омада буд. Лекин ин одами коматбаланди кокина, ки дар рӯ ва гарданаш доғи кунҷитак дошт, моро намешинохт.

— Салом, амаки Қурбонсаид,—гуфтем бо як овоз.

— Ваалайкум ассалом,—гуфт амаки Қурбонсаид абрувони каммўяшро чин карда.—Ба экскурсия омадетон? Муаллиматон набошад, мумкин нест!

Малларо ханда гирифт ва рўяшро ба тарафи дигар гардонд. Ман бошам, „бо ин одами бадмуомила хеҷ кор карда наметавонем" гуфта аз дил гузарондам ва ноумедона ба ў нигоҳ карда мондам. Охир бинед, аз қавокҳои вай барфу борон рехта истодааст.

Аммо Малла хандаашро фурў бурда, ба амаки Қурбонсаид гуфт:

— Мо ба экскурсия не, барои ба корҳои мурғхона ёрӣ расондан омадем, пионерони ҳамин колхозем.

— Ёрӣ?—гуфта пурсид амаки Қурбонсаид. Вай ба сўямон аз аввала ҳам ҷиддитар нигоҳ кард.

— Ҳа, барои ёрӣ расондан,—такрор намуд Малла.

— Хонданатон чӣ мешавад?—бовариаш наомада пурсид амаки Қурбонсаид.

— Хонданамон ба охир расид,—гуфта ҷавоб дод Малла.—Мо ҳозир ба таътили тобистона баромадем. Дуямон қарор додем, ки ба ягон кори мурғхонаи колхозамон ёрӣ расонем.

— Ин тавр бошад, бисьёр дар вақташ омадетон-дия,—гуфт қавокҳояшро андаке бардошта амаки Қурбонсаид.—Танҳо ба худи ман зўрӣ карда истода буд. Ина бинед, ки худи дирўз барои як одам шуда ба назди раис рафта будам. Вай „майлаш, мефиристам" гуфта буд. Аммо ҳанўз аз одами ваъда додааш дарак нест. Агар ба ин кор шумоён миён баста бошетон, ман ба назди раис наравам?

— Наравед.

— Наравед,—гуфтам ман ҳам бо ғурур.—Акнун чӣ қадар кор дошта бошед, ба ҳардуямон фармудан гиред.

— Бисьёр хуб мешавад,—гўён хурсандона сар ҷунбонд амаки Қурбонсаид.—Набошад, канӣ аз қафои ман биёетон.

Баъд аз ҳамин вай пеш даромада, моро бо корҳои мурғхона шиносо карданӣ шуд. Ба мурғхонаи якўм даромадем. Баландии деворҳои мурғхона қариб чор баробари қади мо

буд. Ходачаҳои дароз-дарози суфтаро чунон устувор кардаанд, ки барои ба ҳамдигар нарасида хобидани мурғон хеле қулай буд. Дар гирдогирди хона аз тахтачаҳои тунук қуттичаҳо сохта, ба такаш коҳ андохтаанд, ки мурғҳои мезоидагӣ бемалол ба даруни он даромада тухм мекарданд.

— Ин гуна мурғхонаи калонро ман дар умрам надида будам,—гуфтам ман ба Малла.

— Ман ҳам васеии бомашро дида, говхона пиндошта будам,—гуфт Малла.

— Охир, ин катакҳои пештара не-дия, писарам,—бо ғурур сар ҷунбонда таъриф мекард амаки Қурбонсаид,—мурғхонаи замони ҳозира. Дар ҳар яктои ин хона қариб панҷсад-шашсад мург мехобад.

Мо боз ду мурғхонаи дигарро тамошо карда баромадем. Дар мурғхонаи сейӯм ногоҳ чашмамон ба милтике афтид, ки ба девор овехта шуда буд.

— Амаки Қурбонсаид,—якбора ба ҳаяҷон омада пурсид Малла,—милтиқ ҳам доред-ку? Магар ба мурғхона дузд меояд?

— Э,—гӯён мад кашида табассум кард мурғбон,—агар милтиқ набошад укобҳои лаънатӣ мемонанд, ки дар ин атроф мурғон зиндагӣ кунанд?

Ҳаяҷони Малла зиёд шуд. Ӯ чашмони кабудчаашро гоҳ ба ман, гоҳ ба рӯи амаки Қурбонсаид медӯхт.

— Дар ин ҷо рӯбоҳҳои маккор ҳам бисьёр будагист?—боз пурсид Малла.

— Ӯҳӯ, бисьёр ҳам гап-мӣ,—гуфт амаки Қурбонсаид.—Ҳар рӯз чор-панҷ мургро нобуд мекард. Атрофро бо панҷараи оҳанин печондему ҷонамон халос шуд.

Тархи рӯи Малла зуд дигаргун шуд. Вай акнун на механдид, на ба амаки Қурбонсаид савол медод.

— Аҷаб қоидае,—мегуфт ӯ ғамгинона ба ман нигоҳ карда.—Дар дуньё кадом парранда ё ҳайвонеро нагирӣ, албатта ба худ як душман дорад.

Амаки Қурбонсаид, ки ҳамон саргарми таърифу тавсифи мурғхонаву гирду атрофи он буд, аз хасрати маъюсонаи Мал-

ла бехабар монд. Валē ман бошам, ба фикру хаёл ғарқ шуда будам. Зеро аз чехраи Малла маълум шуда меистод, ки вай аллакай аз нияташ гашта, ба тараддуди интихоб кардани кори дигар афтодааст. Инак, гоҳ чашмони осмониранги тангашро ба як нуқта дӯхта хаёл мекард, гоҳ „Мардон, акнун чӣ кор мекунем?" гуфтагӣ барин ба ман саволомезона менигарист. Чанд сония ҳама хомӯш мондем. Амаки Қурбонсаид ҳолати моро зуд фаҳмиду кори дигарро таклиф кард.

— Агар мурғбонӣ душвор намуда бошад,—гуфт ӯ,—панҷсадто чӯҷа ҳам дорем, ки дирӯз овардем. Ана ба онҳо нигоҳубин кардан гиред.

— Чӯҷа?—тааҷҷубомез пурсид Малла.—Онҳоро уқоб намебарад-мӣ?

— Не,—гӯён амаки Қурбонсаид сарашро ҷунбонд. Вай риши зардчаи дарозашро, ки сирак ва нӯкаш бисьёр борик буд, бо ангуштонаш оҳиста-оҳиста шона карда гуфт:

— Агар ба ҳоли худ мегузоштем, онро ғайр аз уқоб паррандаҳои дигар ҳам намемонданд-куя. Аммо барояшон колхоз ҷойҳои махсус бино кард, ки акнун ба он на уқоб даромада метавонаду на чизи дигар. Фақат аҷалашон расида намуранд, офати дигар нест ба онҳо!

— Мардон,—гуфт Малла,—ба фикрам, беҳтараш чӯҷабонӣ мекунем, чӣ гуфтӣ?

— Майлаш,—гуфтам ман,—барои ман ҳеҷ фарқ надорад.

Вақте ки дуямон ба як қарор омадем, амаки Қурбонсаид моро аз пеши ду мурғхонаи дигар гирифта гузашту дар пеши бинои чорӯм истод.

— Ана ин чӯҷахона,—гуфт ӯ дари рог истодаи биноро нишон дода.

Намуди берунии чӯҷахона ҳам аз мурғхонаҳои дигар фарқе надошт. Аммо дар ва тирезаҳои вай мустаҳкам, пешаш низ озода буд.

— Инаш,—гӯён амаки Қурбонсаид хонаи аз симтӯр сохташударо нишон дод, ки дар паҳлӯи чапи он воқеъ буд,—ҷои рӯзонаи чӯҷаҳо. Онҳоро аз касди паррандаҳо эмин нигоҳ медорад.

Дар ҳақиқат, гапҳои амаки Қурбонсаид рост буданд. Ба даруни он хонаи симтӯре, ки ба се қисм ҷудо шуда буд, на фақат калхоту уқоб, ҳатто гунҷишк ҳам даромада наметавонист. Шояд аз гармии ҳаво бошад, ки ҳоло дар он чӯҷаҳо дида намешуданд. Чулу-чулуи онҳо аз даруни чӯҷахона шунида мешуд.

— Канӣ, биёетон,—гӯён моро ба даруни чӯҷахона таклиф кард амаки Қурбонсаид.

Мо аз қафои мурғбон ба чӯҷахона даромадем, ки аҷоибу ғароиби дунъё дар он ҷо будааст. Таки он тахтафарш буд. Дар атроф аз байни хона чунон катакҳои базеберо қатор гузошта буданд, ки ҳар қадоми он панҷоҳтой чӯҷа мебурд ва онҳоро аз шамолҳои хунук нигоҳ медошт. Охир, чӯҷаҳо одати баде доштаанд, ки барои гарм хобидан болои ҳамдигар баромада, зӯрҳо камқувватҳоро хафа карда мекуштаанд. Аммо агар ба ҳар қуттӣ тақсим шуда дароянд, аз он аҷали муфт халос мешудаанд.

Чӯҷаҳо ба мо чунон маъқул шуданд, ки аз пешашон хестанамон намеомад.

— Канӣ, писарҳо,—гуфт ба мо озмоишкорона нигоҳ карда амаки Қурбонсаид,—акнун ба чӣ маслиҳат омадетон?

— Чӯҷабонӣ мекунем!

— Аз қавлатон-ку намегардед?—ҷиддӣ нигоҳ карда пурсид амаки Қурбонсаид.

— Э,—бо ғурур гуфт Малла,—мо пионер-ку, наход, ки аз қавламон гардем?!

## III. Муваффақиятҳои аввалин

Қариб як ҳафта аст, ки Маллаву ман ба мурғхона омада меравем. Вале имрӯз модарам кор фармуда маро андаке дер монд. Ноомади корро бинед, ки Малла ҳам бевақт мондааст. Хуллас, ба мурғхона боз баробар даромада омадем.

Мурғҳо аллакай ҷигилдонҳои худро аз ҷуворимакка пур карда, дар юнучқазор сайр мекарданд. Хурӯсҳои гардандароз,

ки дар атрофи мокиёнҳои худ мегаштанд, паси ҳамдигар ҷеғ мезаданд.

Дар назди анбори мурғхона, ки онро амаки Қурбонсаид „донхона“ меномид, як аспу аробаи беодам меистод. Дар пеши асп каме алафи юнучқа партофта шуда, онро аз чор тарафаш мурғҳо нӯл мезаданд. Аспи бечора бошад, аз ҳуҷуми мурғҳои берӯ саросема шуда, тез-тез даҳон меҷунбонд. Вақте ки мурғҳо ҳуҷумро зӯртар намуда, бар болои алаф баромаданӣ мешуданд, асп биниашро сахт меафшонд ва якбора фукашро бардошта онҳоро метарсонд.

— Аробакаш дон оварда бошад-мӣ?—бо як гӯшаи чашм ба ман нигоҳ карда пурсид Малла.

— Дирӯз оварда буд-ку...

Фурсати гапи дигар нарасида амаки Қурбонсаиду аробакаш намоён гардиданд. Онҳо аз даруни донхона, ки дар паҳлӯи ҷӯҷахона воқеъ буд, қуттиеро базӯр бардошта мебаромаданд. Аз афти кор, қуттӣ хеле вазнин буд, ки рагҳои гарданашон хеста, калавида-калавида қадам мепартофтанд. Дуямон ҳам ба ёрӣ давидем. Ба як тарафи қуттӣ ман, ба тарафи дигараш Малла часпид. Бо вуҷуди он, бар болои ароба гузоштани қуттӣ хеле душвор шуд.

Аробакашу амаки Қурбонсаид қуттиро ба рӯи даст гирифтанд. Аз сабаби паст будани қадамон, Маллаву ман даррав ба таки он даромада, бо китфҳоямон мадад расондем. Аммо як лаби қуттӣ ба кафои ароба андармон шуда буд, ки аспи ноҷинс худро андаке пеш кашид. Лаби қуттӣ якбора аз кафои ароба ҷудо шуда, бар болои китфи ман ва Малла фуромада рафт. Мо дандон ба дандон монда тоқат кардем.

Аробакашу амаки Қурбонсаид, ки аз тарс рангашон пахта барин шуда буд, якбора ба қуттӣ часпиданд. Вагарна он қуттии лаънатӣ дуямонро ҳам маҷақ мекард. Илова бар ин, худаш ҳам ба замин афтида майда-майда мешуд.

— Так! Так!—гӯён ба асп хитоб кард аробакаш.

— Ба таки чархаш санг монед, санг!—хирросзанон фарьёд мекашид амаки Қурбонсаид.

Мо зуд ба таки чархҳо санг гузоштему боз ба таки қут-

тӣ даромадем. Бо зӯрзаниҳои зиёд, ниҳоят қуттӣ бар болои ароба баромад. Асп ин дафъа наҷунбид. Вай гӯшҳояшро як сих карду боз бепарвоёна машғули алафхӯрӣ шуд.

— Уфф,—гӯён як нафаси дарозе кашид амаки Қурбонсаид ва араки пешонаашро бо пушти кафаш пок кард. Аробакаш бошад, аз кирдори аспаш чунон оташин шуда буд, ки беист дашном медод. Вале асп аз ин парвое надошт ва курт-курт-кунон алаф мехӯрд.

— Айби худатон шуд, Тоҷибой,—гилаомезона ба аробакаш нигоҳ карда гуфт амаки Қурбонсаид.—Ҳар боре, ки ба ароба ягон чиз бор карданӣ шудед, албатта, ба таки чарххо санг гузоред. Ҳамаи аспҳо ҳамин тавранд. Агар ба толеъамон бачаҳо намешуданд, як қуттӣ тухмро нобуд мекардем.

Аробакаш, ки бе ин ҳам хеле дар хиҷолат монда буд, ду бари рӯяш алвон барин сурх шуда, худро саросемавор ба болои асп гирифт. Амаки Қурбонсаид ҳам бо як ҷаҳиданаш ба ароба баромад. Вай ба мо таъин кард, ки то тухмҳоро ба мудири анбор супорида омаданаш эҳтиёт шуда нишинем.

— Хотирҷамъ рафтан гиред,—гуфтем мо.

Тоҷибой қамчинро бардошта буд, ки асп худро ба пеш кашиду чарххои аробаро ба ҳаракат даровард. Ароба аз дари калони мурғхона баромаду каме поёнтар фуромада аз назар ғоиб шуд.

Баногоҳ чашмам ба Малла афтид, ки дафтарчаи муқовасурхи кисагиашро дар рӯи зонуҳояш ниҳода, тез-тез чизе менавишт. Агар вай ба кайдҳои худ „Муваффақиятҳои аввалин“ гуфта сарлавҳа намегузошт, шояд ман намехондам.

— Малла, ту дарров саросема нашав,—оромона гуфтам ба ӯ.—Ҳоло мо ягон кори ду кас диданӣ накардаем.

— Э!—гуфт Малла.—Ба кори ҳозираамон чӣ мегӯӣ? Магар он кори ба назар намоён не?

— Чӣ, ҳамон қуттиро бардоштанамон?

— Бале,—гуфт Малла.—Охир агар мо намешудем, як қуттӣ тухм нобуд мешуд. Як қуттӣ-я!..

— Гапат дуруст-куя, лекин...—гуфтам ман ноилоҷ монда, зеро одати ӯро нағз медонистам, ки агар ҳамин тавр нагӯям,



2—4110

1958 № 1073
Таджик. ССР

вай то бегох монда нашуда бо ман мунозира мекунад. Агар кадаре баландтар биёям, часта хеста даст ба гиребон хам шудан мегирад.

— Малла, ту аз мургхо эхтиёт шав,—гуфтам корро дар байнамон таксим карда.—Ман чўчахоро ба хавои тоза мебарорам.

— Ту ачаб бачае будай,—тамасхуромез гуфт Малла.—Мо ба чўчахо вобаста шудем-мй? Тамом! Ба мургхо чй кор дорем?

Вай хаминро гуфту рост ба сўи чўчахона кадам нихода, дари онро кушод. Ман хам бо вай дигар кашокаш накарда, ба чўчахона рафтам. Вале як чашмамро аз мургхо намекандам.

Чўчахо акнун ману Малларо нагз мешинохтанд. Хамин ки моро диданд, зуд ба таки поямон гун мешуданду ба чулу-чулу сар мекарданд. Баъзе баднафстарашон „шумоён чй хел одамхои ноинсоф, аз гуруснагй корамон шуд" гуфтагй барин ба пойхоямон нўл мезаданд. Мо хам мехрубонй намуда, онхоро аввал ба хавои тоза, ба хонаи симтўринашон мебаровардему ба пешашон гох чакка, гох шир, гох тухми пухтагиро реза карда мемондем.

Чўчахо хамин ки хўрокро диданд, дархол худро ба болои он мепартофтанд. Боз як хислати ачиби чўчахо ин буд, ки чизхои ба гулўяшон намегунчидагиро хам бо зўр фурў бурданй мешуданд. Вакте ки он чиз дар гулўяшон дармемонд, зуд ба як канор мерафтанду гарданашонро коз барин дароз карда зўр мезаданд. Хамин ки каме поён фуромад, боз аз паи фурў бурдани хўрок мешуданд.

Мабодо ба онхо пашша ё оруи чинчак вохўрда монад, хечгох онро зинда ба зинда фурў намебурданд. Сайдашонро бо нўлашон махкам газида, онро аввал якчанд маротиба ба замин зада нимчон мекардандy сонй фурў мебурданд.

Ана, чўчае оруи чинчакро ба нўлаш махкам дошта, онро хўрданй. Дигараш бошад, гурбаи муш поида истодагй барин аз сайди хамрохаш чашм намеканад. Хамин ки вай андаке

бехабар монд, бо як нўл задан онро гирифта мегурезад. Ба ҳамин тариқ, оруи бечора баъзан дар талоши нўлҳои бисьёр монда, чунон бурда-бурда шуда меравад, ки баъзе чўҷаҳо фақат ба як пои он соҳиб шуда мемонанд.

Ҳоло ранги ҳамаи онҳо зардча метобад. Калон шаванд, албатта, монанди падару модаронашон сап-сафед мешаванд. Пойҳояшон калта-калтаи сурх, аммо чашмонашон чунон сип-сиёҳ, ки гўё сурма кашида бошанд. Он чашмҳои майда-майда боз чунон тезанд, ки мўрчаҳои нўки сўзан барин майдаро ба зудӣ мебинанд.

Лекин мо ба тамошои чўҷаҳо вақти зиёд надорем. Мана, Малла ба дасташ ҷорўб гирифта, барои тоза кардани чўҷа-хона рафт. Ман аз ҷўй об овардаму обкосаҳои чўҷаҳоро аз як сар шуста баромадам. Чўҷаҳо, ҳамин ки ташна монданд, давида ба лаби обкоса мебароянд. Баъди сер шуданашон бо-шад, бо пойҳои ифлосашон ба даруни он медароянд. Бинобар ҳамин ҳам, ман рўзе ду бор обкосаҳои онҳоро тоза карда, аз сари нав об пур мекунам.

Ғайр аз ин лозим меомад, ки ҳар рўз даруни қуттиҳоро низ тоза карда, қуттиҳоро ба офтобрўя бароварда монем, то ки бўи бадашон равад, вагарна мумкин аст, ки чўҷаҳо ба ҳар гуна касалӣ дучор шаванд.

Ҳозир Малларо ҳаргиз шинохта намешуд. Дар рухсораш қариб як ман чангу хок нишаста буд. Арақе, ки аз ду чак-каи сари ў ҷорӣ шуда мефаромад, як нақши каҷу килебе гузошта, ба даруни гиребонаш мефаромад. Албатта, афту ба-шараи ман ҳам аз вай тозатар набуд. Дуямон аз чўҷахона баромада, қарор додем, ки андаке нафасамонро рост гирем. Сонӣ аз паи корҳои дигар шавем.

Малла ба девори чўҷахона такья кард. Ман дар рў ба рўи вай, дар болои қуттие нишастам. Ба ногоҳ: „Монда на-бошетон, шербачаҳо" гуфтани касе шунида шуд. Дуямон ҳам яккад парида, ҷаста аз ҷойҳоямон хестем, ки сарвожатиамон Ҳаким меояд.

— Салом, рафиқ вожатый!—гуфтем мо бо як овоз.

Ҳаким ҳам салом доду дасташро дароз карда, бо мо самимона вохӯрдӣ намуд. Ба обу арақ ғӯтидани чеҳраи гандумгунаш гувоҳӣ медод, ки ӯ хеле тез роҳ гашта омадааст.

— Хӯш, аҳволҳо чӣ тавр?—оромона пурсид Ҳаким.—Мурғпарварӣ ба шумоён маъқул?

— Ҳа, маъқул,—гуфта ҷавоб додам ман.

— Мо мурғбон нестем,—ба гап ҳамроҳ шуд Малла.—Фақат ба чӯҷаҳо нигоҳубин мекунем.

— Хайр, „чӯҷабон шудем" гӯетон-а,—хурсанд шуд сарвожатиамон ва як-як қадам ниҳода ба назди симтӯр омад. Вай бо чунон шавқу завқ тамошо мекард, ки чӯҷаҳоро гӯё дар умраш бори аввал дида истода бошад. Лекин ӯ фақат бо тамошо қонеъ нагардида, дафтарчаи кисагиашро баровард ва дар бораи чӯҷаҳо пурсид. Мо хислатҳои аҷиби чӯҷаҳоро ба вай гуфта додем. „Дуруст, кори бисьёр шавковарро ёфтаетон",—гуфт бо қаноатмандӣ сар ҷунбонда ӯ.

Сарвожатиамон хоҳиш кард, ки даруни мурғхонаи навро низ ба ӯ нишон диҳем. Малла пеш даромада роҳ сар кард. Ҳаким ба ҳар як чизе ки дар он ҷо буд, диққат медод. Ҳар як гапро гаштаю баргашта мепурсид ва ба дафтарчааш навишта мегирифт.

— Аҷоиб,—мегуфт ба атрофи мурғхона чашм партофта Ҳаким,—чаро дар ин ҷо алафи юнучқа коштаанд?

— Магар шумо алаф хӯрдани мурғҳоро надидаед?

Тааҷҷуби сарвожатый зиёд шуда, ба мо ҷиддитар нигоҳ кард.

— Алаф?

— Бале,—гуфтам ман.—Мурғҳо барги юнучқаро бисьёр дӯст медоранд.

— Барги карам бошад, аз ин ҳам бомазатар мешавад,—гуфта илова кард Малла.

Сарвожатый табассум намуд. Вай чизе гуфтан мехост. Лекин Малла сухани ӯро бурид.

— Медонед,—гуфт ӯ,—чаро дар ин ҷо хокистар рехта мондаанд?

Вожатый ба хокистартӯдахое, ки дар атроф буд, дуру дароз нигоҳ карда монд. Сонӣ китфонашро ба ҳам кашиду гуфт:

— Мумкин аст, ки барои хокбозӣ кардани мурғҳо бошад?

— Дуруст,—гуфт Малла.—Мурғе ки дар хокистар хокбозӣ мекунад, танашро аз ҳар гуна ҳашарот тоза менамояд. Ана ин сангрезаҳо ҳам барои мурғҳо,—гуфта ӯ боз суханашро давом дод.—Агар онҳо сангрезаҳоро нахӯранд, ҷуворимакка барин донҳои сахтро ҳазм карда наметавонанд.

Сарвожатиамон боз хурсандона сар ҷунбонда табассум кард.

— Ин гапҳоро ба шумоён кӣ ёд дод?—пурсид ниҳоят ӯ.

— Амаки Қурбонсаид,—гуфта ҷавоб додем мо.

— Бисьёр нағз,—гуфт Ҳаким.—Дуятонро ҳам экскурсовод таъин кардан мумкин. Лекин аз ин ҳам гапҳои амаки Қурбонсаид маро бисьёртар хурсанд кард.

Ман даррав ба Малла нигоҳ кардам. Вай ба рӯи сарвожатый чашм дӯхта пурсид:

— Шумо амаки Қурбонсаидро дар куҷо дидед?

— Аз мо шикоят накард?—пурсидам ман ҳам.

— Баръакс,—гуфт дар ҷавоб сарвожатый.— Амаки Қурбонсаид якчанд рӯз пеш аз ин ба худ ёрдамчӣ талабидааст. Раис имрӯз ӯро дида узрхоҳона „кори шуморо низ осон намегӯям-ку, аммо каланди пахта маро бисьёр ба ташвиш монондa истодааст, ҳеҷ одам намерасад" гуфт. Аммо Қурбонсаид ба вай нигоҳ карда: „Ҳой, ака-раис, акнун ғами мурғхонаро нахӯред, кори пахтаро пеш гирифтан гиред. Ба ман якта не, якбора ду ёрдамчӣ омад" гуфт.

— „Ду ёрдамчӣ?"—ҳайратомез пурсид раис.— „Рост мегӯед? Аз куҷо?"

— „Наход, ки бо ҳамин ришу фаш ба шумо дурӯғ гӯям", гуфт амаки Қурбонсаид. „Ду мактаббачаи худамон—Мардону Шариф". Ман давоми гапи онҳоро мунтазир нашуда, ба сӯи мурғхона давидам. Ин гуна хабар касро бисьёр хурсанд мекунад.

Суханони амаки Қурбонсаид, ки онро вожатиамон бо шо-

диву хурсандӣ накл карда дод, ба бозувонамон кувваи наву бар диламон ғурури мислаш диданашуда бахшид.

— Рафик вожатый,—гуфт Малла.—Медонед, ман имсол дар навбати дуйӯм ҳам ба лагери пионерӣ намеравам. То саршавии таҳсил чӯҷаҳоро калон мекунаму якбора ба хондан меравам. Ин ваъдаи пионерии ман.

— Нияти ман ҳам ҳамин,—илова кардам ман.

— Ин фикрҳоятон бисьёр хуб,—гуфт сарвожатиамон.— Ман ин гапҳоятонро ба муаллим, ба ҷӯраҳоятон мерасонам. Лекин ҳушьёриро аз даст надиҳед. Мабодо аз муваффакиятҳо саргаранг шуда, охири корро ланҷ накунед.

— Не, не,—гуфта мо ӯро бовар кунондем.—Шумо аз ин тарафаш хотирҷамъ бошед. Ҳаргиз саргаранг намешавем.

Баъд аз ҳамин сарвожатиамон бо мо хайрухуш карда баргашт. Малла бошад, зуд дар каноре нишаста гирифту дафтарчаи кисагиашро кушода, боз ким-чиҳо навиштан гирифт.

— Малла, гард,—гуфтам ман ба ӯ нигоҳ карда,—ҳаво гарм шуд, чӯҷаҳоро ба хонаашон дарорем.

— Ту аҷаб бачаи дилтанге будай,—гуфт вай бепарвоёна.— Аввал нависам, чӯҷаҳо гурехта намераванд.

## IV. Офат

Гуфтаҳои сарвожатый ба ҳардуямон ҳам кувваи нав бахшид. Малла, ки бисьёр вакт дер мемонд, ҳатто аз ман кадаре барвакттар меомадагӣ шуд. Вай акнун мунтазири ягон кор фармудани амаки Курбонсаид шуда намеистод. Чун омад, дарҳол сари ягон корро мегирифт. Мавридҳое мешуд, ки ӯ кори худро анҷом дода, ба ман ёрӣ мерасонд.

Имрӯз аз рӯи нишондодҳои амаки Курбонсаид чӯҷаҳоро ба хонаи симтӯрӣ бароварда хӯрок додем. Баъди чӯҷахонаро тоза намудан, обкосаҳои онҳоро пур кардем. Пас аз ин ба корҳои амаки Курбонсаид ёрӣ расондем.

Аз байн хеле вакт гузашт. Офтоб ҳанӯз рост нашуда буд. Бо вуҷуди ин, замин мис барин тафсида буд. Чирик-чирики



гунҷишкҳое, ки ҳамеша ба умеди хӯрдани дони мурғҳо меомаданд, якбора хомӯш гашт.

— Мардон, — гуфт ҳамин вақт амаки Қурбонсаид ба ман нигоҳ карда, — имрӯз авзои ҳаво беҷо. Ҷӯҷаҳоро зуд ба хонаашон дароретон писарам.

Маллаву ман ба сӯи ҷӯҷахона рафтем. Ҳар боре, ки барои даровардан ё баровардани ҷӯҷаҳо меомадем, илоҷ надоштем, ки панҷ ё даҳ дақиқа саргарми тамошои онҳо нашавем.

Мана, аз тарафи рост Малла, аз тарафи чапи хонаи симтӯрин ман назар андохта истодаем.

— Мардон, — якбора ба ҳаяҷон омада ба ман нигоҳ кард Малла. — Айёр канӣ? Вай дар байни ҷӯҷаҳо наменамояд-ку?

— Наменамояд? — ман ҳам дар тааҷҷуб монда, ба ҷӯҷахона назар афкандам.

Айёр ҷӯҷае буд аз шариконаш майдатар, вале бағоят зирак. Вай чунин одате дошт, ки агар шариконаш оруи ҷинҷакеро ба даст афтонда, онро аз нӯли якдигар кашида гирифтанӣ шаванд, ҳаргиз ба кашокаш ҳамроҳ намешуд. Фақат аз канор гашта, монда шудани шариконашро интизор мешуд. Вақте ки онҳо тамоман ба обу арақ ғӯтида, ба ҷунбидан ҳам маҷолашон намемонд, ба нохост аз як тараф мерафту бо як нӯл задан оруи ҷинҷакро гирифта мегурехт ва зуд фурӯ мебурд. Дигарҳо, ки барои он оруи ҷинҷак якчанд дақиқа кашокаш карда буданд, чун бачаҳои лаванду ноӯҳдабаро нӯлҳояшонро лесида мемонданд. Аз ин ҷост, ки мо ба он ҷӯҷаи майдаҳаки ба кори худ ҳушёр Айёр ном дода будем.

Айёр боз як хусусияти дигаре ҳам дошт, ки агар дар вақти аз ҷӯҷахона баровардани шариконаш каме бехабар монем, худро зуд ба як тарафи дигар мезаду аз назар ғоиб мешуд. Барои он, ки вай ҳамеша дар пеши чашмамон бошад,

мо тахтапушти онро бо ранг сурх карда будем. Аммо холо вай наменамуд.

— Аз ростӣ наменамояд,—чӯҷахоро бори дигар аз назар гузаронида гуфтам ман.

Якбора ғоиб шуда мондани Айёр дуямонро ҳам дар ҳайрат монond. Мо даррав чӯҷаҳоро ба хонаашон дароварда, хотирҷамъ шудему сонӣ ба кофтукови Айёр шурӯъ намудем. Берун, дарун, гирду атроф, мурғхонаҳои дигар, хулласи гап, ки ҳама ҷоро дида баромадем. Вале аз Айёр нишонае наёфтем.

— Мабодо ба амаки Қурбонсаид фаҳмонда намонӣ,—хотиррасон кард Малла.

— Чаро?

— Расо каллаварам будӣ-дия,—гуфт ӯ ба ман таънаомезона нигоҳ карда.—Фикр намекунӣ, ки агар гум шудани Айёрро ба амаки Қурбонсаид фаҳмонем, колхоз моро як чӯҷа қарздор мекунад?

Ман ба фикр фурӯ рафтам.

— Ба хаёли ман Айёр гум нашудааст,—гуфта ҳукм кард Малла.—Вай дар байни чӯҷахо.

— Ин боз чӣ гап?—гуфтам ба ӯ.—Магар вай сӯзан буд, ки ба чашмамон наменамояд?

— Сӯзан нест-ку,—гӯён сухани маро бурид Малла,—лекин Айёр нишонаи худро гум кардааст. Яъне, ранги сурхеро, ки мо ба тахтапушташ молида будем, офтоб бардоштааст.

Фикр карда бинам, ки гапи Малла асос дорад. Шояд ҳамин тавр шуда бошад? Аммо ҳеҷ бовариам намеомад. Малла бошад, ба ҳамон гапаш маҳкам часпида гирифта буд.

— Набошад, чӯҷаҳоро шумурдан даркор,—таклиф кардам ман.

— Ӯҳӯ,—гуфт мад кашида Малла.—Панҷсадто чӯҷаро-а?

— Ҳеҷ гапе не,—гуфтам ман боз.—Ҳозир онҳо дар куттиҳои ҷудогона, шумурданашон душвор нест.

Ниҳоят, Малла ба таклифи ман розӣ шуд. Инак, мо ба чӯҷахона даромадем. Аммо дасти ӯ ҳеҷ ба кор намерафт. Чӯ-

чаҳоро сарам-дилам мешумурд. Ҳамин ки якбора ҳаждахто чӯҷа кам баромад, чашмони ӯ бечо шуданд.

— Наход, ки ҳаждаҳтоаш гум шуда бошад-а?—боварнаш наомада ба ман часпид Малла.—Ту хато кардӣ, аз сари нав шумурдан даркор.

Ман хато накарда будам. Баръакс, ҳисоби дилу бедилони Малла бароям шубҳанок буд. Бинобар он, ман ҳам ба маслиҳати Малла розӣ шудам. Ин дафъа мо чӯҷаҳоро бодиккат, якто-якто шумурда баромадем. Боз ҳамон гап, ҳаждаҳто чӯҷа намерасид.

— Акнун чӣ кор мекунем?— ҳаросон шуда пурсид Малла.

— Зуд рафта ба амаки Курбонсаид хабар медиҳем,—гуфтам ман ба ӯ.—Илоҷи дигар нест.

— Э!—гӯён вай ало нигоҳ кард,—ту магар акл надорӣ!

— Чаро акл надоштаам?!

Ба ноҳост ба чӯҷахона даромада омадани худи амаки Курбонсаид риштаи мунозираро канд. Чун ӯро дидем, дуямон ҳам фурсате ҳайкал барин шах шуда мондем.

— Канӣ, чӣ гап?—ба дуямон ҳам ҷиддӣ нигоҳ карда пурсид амаки Курбонсаид, — ҷанг-панг кардетон магар?



— Не, ҷанг накардем, — сохтакорона хандида ҷавоб дод Малла, — ҳазлҳои ҳарвақтинаамон...

Ҳамин ки гапи Малларо шунидам, сарам ғуввос заду дар танам як ларзиши ғайриоддие пайдо шуд.

— Хой, Малла! — гуфтам ман.—Аз руст кардани ин ҳол чӣ фоида, росташро гуфтан даркор!

Малла, ки бо хандаҳои сохтакоронааш сирро пинҳон карданӣ буд, ба ман як ало ни-

гоҳ карду рӯяшро турш намуд. Мӯйсараш дугҳои ҷайра ба-рин сих заданд. Гӯё сахт таб гирифта бошад, дар як дам ду бари рӯи сергӯшташ лаблабу барин сурх шуд.

— Худаш чӣ гап?—оташин шуда пурсид амаки Қурбонсаид.—Чаро аз ман гапатонро пинҳон мекунетон?! Ҳаргиз ба ин гуна дурӯғгӯй одат накунед, ки дар байни одамон беэътибор мешавед.

— Чӯҷаҳо ҳаждаҳто кам шудаанд,—гуфтам ман.

— Ҳаждаҳто?—авзои амаки Қурбонсаид ҳам беҷо шуда рафт.—Ин чӣ гап? Наход ки яку якбора ҳаждаҳто кам ша-вад-а?!

Амаки Қурбонсаид ба гапҳои ман бовар накарда, зуд ба шумурдани чӯҷаҳо сар кард. Аммо ин шумур-шумурҳо фои-да набахшиданд. Ҳамин қадар, ки чӯҷаҳои бечора дилгир шуданд.

Амаки Қурбонсаид дақиқае дар миёнҷои чӯҷахона рост истода фикр кард. Сонӣ гӯшаю канорҳои чӯҷахонаро боз як бори дигар аз назар гузаронд. Катакҳоро чаппаю роста кар-да дид.

— Уфф,—гуфт ниҳоят ӯ пешонаашро пурчин намуда,—ба чӯҷаҳо офат омадааст, офат! Ба зоотехник хабар додан лозим, вагарна ҳамаашро нобуд мекунад.

— Набошад, ман равам?—гуфтам ман ба амаки Қурбон-саид.

— Не,—гуфт ӯ.—Ҳозир худам ҳамроҳ гирифта меоям.

Амаки Қурбонсаид саросемавор баромада рафт. Малла, ки дар каноре гоҳ сурху гоҳ сафед шуда меистод, ба ман хашм-гинона нигоҳ кард. Лабони ғафсашро тез-тез ҷунбонида пи-чиррос зад. Шояд дар дилаш маро дашном дода, ё ин ки ҷанг карда истода бошад. Охир ҳам кушоду равшан чизе нагуфта, худро якбора берун зад.

— Малла, ҳой Малла! гӯён—фарьёд кашидам ва давида аз кафояш баромадам, ки вай аллакай ба пушти чӯҷахона гу-зашта ғайб задааст.

# V. Гумонҳо

Амаки Қурбонсаид ба ҷои зоотехник мудири фермаи паррандапарварӣ — акои Олимро гирифта омад.

Акои Олим як одами миёнакади бурутдор, шонапаҳн ва сурхинарӯ буд. Дар назари аввал ӯ бисьёр лаванду фаҳул менамуд, вале дар амал аз вай чаққонтару печонтар одам набуд. Ӯ махсусан дар мурғпарварӣ бемислу монанд буд. Охир, чордаҳ сол ин ҷониб дар ҳамин колхоз мурғбонӣ карда, фақат се моҳ аст, ки мудири фермаи паррандапарварӣ таъин шудааст.

Мана, вай дар баробари омадан даррав чӯҷаҳоро аз назар гузаронд. Ба қадамзанӣ, хӯрокхӯрии онҳо зеҳн монд. Сонӣ ҷои хоб, обкоса ва ҳатто хӯрокҳои тайёр кардаи мондаамонро ҳам дида баромад.

— Ҳамаи чӯҷаҳо сиҳатанд,— гуфт ӯ дар назди дари чӯҷахона рост истода.— Агар касал мешуданд, парҳояшон фаҳ мешуд. Хӯрокро тамоман фаромӯш карда, дар каноре рафта фақат сукут мекарданд.

— Ба гумони ман, чӯҷаҳоро шабушк зер кардагӣ,— гуфт амаки Қурбонсаид.

— Не,— гӯён рад кард сухани ӯро акои Олим,— чӯҷаро шабушк зер кунад, аввал карахт мешавад. Сонӣ рафта-рафта ба дараҷае мерасад, ки ба роҳ гаштан ҳам маҷолаш намемонад. Чӯҷаҳои шумо оҳу барин медаванд-ку.

— Намедонам, коре карда офат-дия,— мегуфт ба камтаҷрибагии худ иқрор шуда амаки Қурбонсаид.

— Бале, офат,— гуфт акои Олим.— Аммо ин офатро нест кардан даркор, то ки ҳамаи чӯҷаҳоро нобуд накунад.

Ин буд, ки аз қафои чӯҷахона шарфаи по шунида шуду зоотехники колхоз акои Рустам даромада омад. Вай ҷавоне буд тахминан бисту ҳаштсола, хушсару либоси олуфтанамо. Дар колхоз се соли пурра аст, ки зоотехник шуда кор мекунад. Акои Рустам дар сар ҳамеша ҳаскулоҳи зард, дар по туфлии ғарч, шими коверкоти қаташ дами корд барин тунуки дароз мепӯшид, ки шахси бегона ӯро бешубҳа меҳмони шаҳрӣ мепиндошт.

Акои Рустам сари синаашро баланд бардошта, бепарвоёна қадам монда меомад. На дар чеҳрааш аломати ташвишу изтироб ҳис карда мешуд ва на дар қадаммониаш.

— Хӯш, оқсақол,—гӯён ба амаки Қурбонсаид муроҷиат кард ӯ, ба чӯҷаҳо чӣ шудааст?

— Намедонам,—гуфт дар ҷавоб мурғбон.—Ту—духтур, даромада бин, касаланд, ё ки ягон офати дигар расидааст? Хаёлам гурехт,—илова карда монд дар охири гапаш амаки Қурбонсаид.

— Парво накунед, оқсақол, ҳозир ҳамааш рӯз барин раппа-равшан мешавад,—гуфт ба чӯҷахона даромада истода акои Рустам.



Вай диққак нишаста ба чӯҷаҳо назар афканд.

Ман, ки пеш акои Рустамро танҳо ҳамчун як одами олуфтаву бодинамо медонистам, ӯро он қадар назарам намегирифт, аммо гапҳои амаки Қурбонсаидро шунида, тасаввурротам нисбат ба акои Рустам дигар шуд. Акнун ба ман чунин менамуд, ки он офати лаънатиро акои Рустам дарҳол мефаҳмад ва ба мо „мана" гӯён нишон медиҳад. Охир, вай духтур-ку... Афсӯс, ки ин тавр нашуд. Вай якчанд маротиба ба чӯҷахона даромада баромад. Ҳаскулоҳашро пешу қафо зада сарашро хорид. Катакҳои махсусро, ки чӯҷаҳо аз айёми хурдиашон дар он мехобиданд, чаппаю роста карда дид. Баъд аз ҳамин фармуд, ки чӯҷаҳоро ба хонаи симтӯринашон барорем.

Мо гуфти ӯро ба ҷо овардем. Акои Рустам бошад, боз сарашро хорида-хорида ба назди чӯҷаҳо омад ва баъд аз фурсате ба гап даромад:

— Ин ҳеҷ гуна офат не,—гуфт вай ба амаки Қурбонсаид муроҷиат карда.—Ҳамаи чӯҷаҳо сиҳатанд. Ба фикри шахсии ман, сабаб ҳамин, ки шумо ба умеди бачаҳо шудаед. Бачаҳо ғарқи бозӣ гаштаанд. Чӯҷаҳои бесоҳибмонда, албатта, гум шудаанд.

— Мо, ҳамеша аз паи чӯҷаҳо будем,—гуфтам ман ба гап ҳамроҳ шуда.—Мана, худи амаки Қурбонсаид ҳам хабардоранд.

— „Хуб" гуфтан гир, ука,—ба ман нигоҳ карда бонг зад акои Рустам.—Ана ҳамин тавр шудагӣ. Охир касал мебуд, мурдаашро медидем-да, ука.

„Ана халос,—гуфта аз дил гузарондам ман.—Гапи Малла рост баромад-ку". Рости гап, ки ба саволи акои Рустам ҳеҷ ҷавоби муносиб ёфта натавонистам. Ба гумонам, амаки Қурбонсаид ҳам чашмони танг-тангашро ба замин дӯхта, дар ҳамин бора фикр мекард.

—Ин хаёлат нодуруст,—гуфт ҷасурона ба фикри зоотехник зид баромада акои Олим.—Ҳеҷ вакт ҳаждаҳто чӯҷа ба як тараф баромада намеравад. Чӯҷаҳоро мумкин калламуш кашонда бошад.

Ба ин гапи мудири ферма ҳеҷ кас бовар накард. Акои Рустам бошад, оҳиста-оҳиста пасу пеш кадам мезаду тамасхуромез механдид.

— Аз ин мебарояд, ки чӯҷаҳо чормағз будаанду калламуш онҳоро бозӣ мекардааст-дия,—гӯён ба акои Олим киноя кард зоотехник.

Дар ҳақиқат ҳам, гапи ӯ далелнок барин менамуд. Вале акои Олим ҳеҷ суст намеомад. Вай барои асоснок кардани фикри худ ходисаеро, ки шаш сол пеш аз ин рӯй дода буд, накл карда дод.

Фасли баҳор. Акои Олим чӯҷабонӣ мекардааст. Хонаи ӯро аз чӯҷахона танҳо як девори тунук ҷудо карда меистодааст.

Шаб. Акои Олим корҳояшро ба итмом расонда, дар ҷогаҳаш даромада хобидааст. Тифоко ба гӯшаш чириқ-чирики чӯҷаҳо расидааст. Акои Олим якқад паридааст ва нимхез шуда, ба атрофаш назар афкандааст, ки ҳама ҷо хомӯшӣ. Аз сари нав сарашро ба болишт монда будааст, ки садои чириқ-чириқ боз такрор шудааст. „Аҷабо, хоб дида истода бошам, ё ки ин ҷо ягон гап ҳаст?.." гуфта аз дил гузарондааст акои Олим, фурсате дар ҳайрат монда. Сонӣ шол ва бӯрьёи хонаро ғундоштаасту тешаро ба даст гирифта, ҷои сар монда хобидаашро кофтан гирифтааст. Баъди якчанд теша задан хок якбора фурӯ рафта чириқ-чирики чӯҷаҳо баландтар шудааст. Акои Олим ба сӯрохӣ даст андохта, даҳто чӯҷаи зинда ва ду чӯҷаи мурдаро бароварда гирифтааст. Вай пас аз чӯҷаҳои мурдаро дидан, бисьёр хашмгин шудаасту қарор додааст, ки аз баҳри хоби оншаба мегузараду кушандаи чӯҷаҳоро меёбад.

Ба ҳамин тариқ, акои Олим шаби дароз нахобида замини хонаи худро каландгардон кардааст ва дар охир калламуши чӯҷадуздро дастгир намудааст.

Ин нақли акои Олим аз гапҳои аввалааш дида хеле далелнок буд.

— Калламуш гуфтед? Гап тамом, вай лаънатӣ ҷонвари бисьёр вайронкор аст,—гуфт амаки Қурбонсаид фикри акои Олимро маъқул карда.—Аз дасти вай ҳар гуна зарару зиён меояд.

— Дуруст, ман ҳам медонам, ки калламуш аз ҷинси ҳайвоноти зараррасон аст,—гуфта боз ба гап ҳамроҳ шуд акои Рустам.—Вале чӯҷаро кашонданаш...

Мунозираи онҳо хеле давом кард. Ниҳоят, амаки Қурбонсаид таклиф кард, ки чӯҷахонаро даромада бинем, сӯрохе дорад ё не. Ҳама боз ба чӯҷахона даромадем. Аммо чӯҷахона ақаллан танга меғунҷидагӣ барин ҳам сӯрохие надошт. Забони акои Рустам аз аввала ҳам дарозтар шуд.

— Ана дидед?—гуфт ӯ ба акои Олим чашм дӯхта,—гапи ман дурӯғ будааст магар? Ин натиҷаи беаҳамиятии ҳам ман,

ҳам шумо, ҳам оксакол, ки панҷсадто чӯҷаи колхозро ба дасти бачаҳои беақл супорида мондаем.

Дар баробари шунидани он гапҳо дилам боз сип-сиёҳ шуду дар пеши назарам Маллаи „доно" намудор гардид. „Ана, нагуфта будам-мӣ,—гӯён таъна мекард вай.—Ҳамроҳи ман нарафтӣ. Акнун аз ин рӯзат бадтар шав".

Ман бо ким-чӣ хел далелҳо худро сафед карданӣ мешудам. Вале медонистам, ки акои Рустам ба ман имконияти гап задан намедиҳад. Бинобар ҳамин, дандон ба дандон монда меистодам. Аз чӣ сабаб бошад, ки амаки Қурбонсаид ҳам мум газидагӣ барин хомӯш шуда монд. Вай ба ҷои он, ки тарафи маро гирад, гоҳ ба даҳони акои Олим, гоҳ ба даҳони зоотехник нигоҳ мекард. Ҳар дуи онҳо гӯё ҷанг карда-ҷанг карда монда шуда бошанд, даҳон накушода зери чашм ба якдигар нигоҳ карда мемонданд.

Ин буд, ки акои Олим тараддуди ба роҳ даромадан кард.

— Ба ҳар ҳол, эҳтиёт шуда истед,—рафта истода ба амаки Қурбонсаид таъкид намуд ӯ.—Фикр карда мебинем.

— Бале, бале,—гӯён илова кард зоотехник,—бисьёр ҳам ба умеди бачаҳо нашавед, оқсакол. Ман пагоҳ ба станцияи чӯҷабарорӣ рафта, бо мутахассисон машварат мекунаму баъд омада хабар мегирам.

Мудири фермаю зоотехник паси ҳам баромада рафтанд. Баъд аз ҳамин амаки Қурбонсаид як ба атрофаш чашм давонду ба ман рӯ оварда пурсид:

— Мардон, Малла куҷо шуд?

— Намедонам,—гуфтам ман китфонамро ба ҳам кашида.— Аз қафои шумо баромада рафта буд. Гашта наомадааст.

* * *

Аз байн як шаб гузашт. Пагоҳии барвақт ба мурғхона омадам, ки табъи амаки Қурбонсаид хира, қавокаш овезон. Чеҳраи доғи кунҷитакдори ӯ чунон ҷиддӣ менамуд, ки гӯё падар, ё ки ягон хешу тобори наздикаш аз олам гузашта бошад. Аз афти кор, имрӯз дасти вай ба ҳеҷ кор намерафт.

Чорӯби дастадароз ва бел, ки ҳеҷ гоҳ аз дасти амаки Қурбонсаид намефуромад, имрӯз дар каноре мехобид. Саҳни мурғхона гуё як ҳафта ин ҷониб ранги чорӯбро надида бошад, ба назар ифлос менамуд.

Амаки Қурбонсаид бо димоғи сӯхтаву қавоқи овезон дар таки дари чӯҷахона диккак менишаст. Мурғбон чунон ғарқи хаёлҳо буд, ки аз омадани ман бехабар монд.

— Салом, амаки Қурбонсаид,—гуфтам ман ба назди ӯ рафта.

— Ваалайкум ассалом,—гуфт вай ҳам аз рӯи одат. Вале сарашро набардошт. Ман зуд пай бурдам, ки дар чӯҷахона боз ягон ҳодиса рӯй додааст.

— Дирӯз ҳамаи чӯҷаҳо чандто буданд?—ба ман фурсати гап пурсидан надода гуфт амаки Қурбонсаид.

— Чор саду ҳаштоду дуто,—гуфта ҷавоб додам ман.

Амаки Қурбонсаид пас аз каме хомӯш истодан пешонаашро молиш дода ғамгинона гуфт:

— Набошад боз сетои дигараш нест...

Ҳайрон шудам.

— Ин тавр бошад, навбатдорӣ кунем,—ҳамчун калонсолон маслиҳат додам ба ӯ баъд аз хеле фикру хаёл.—Шояд чӣ гуна чиз будани он офати лаънатиро фаҳмида гирем?

— Намедонам,—гуфт аз ҷояш хеста истода амаки Қурбонсаид,—ман гаранг шуда мондам, писарам.

Дар ҳақиқат ҳам ин як муаммое буд, ки ақли кас дар кушодани он оҷизӣ мекард. Ҳамин муаммо буд, ки амаки Қурбонсаид чорӯби дар таки пояш истодаро надида дар юнучқазор белу чорӯб кофта мегашт. Ҳатто пас аз ёфтани белу чорӯб ҳам чӣ кор карданашро надониста, фурсати зиёд вақти худро беҳуда мегузаронд.

Ман чӯҷаҳоро ба ҳавои тоза бароварда, ба пешашон об ва хӯрок гузоштам. Сонӣ даромада чӯҷахонаро тоза ва оби обкосаҳоро нав кардам. Он дам тифоқо ба хотирам Малла расид. „Ба вай чӣ шуд? Чаро то ҳол наомад? Охир, ман рости гапро гуфта будам-ку? Наход, ки дарров оташин шуда бошад?"

Бо ҳамин хаёлҳо овора будам, ки ба мурғхона мудири фермаю акои Рустам як занро ҳамроҳи худ гирифта омаданд. Ин зани миёнсоли коматбаланд, ки дар даст сумкаи наппанави сурх дошт, табиатан шӯх ва хандон менамуд. Ӯро акои Рустам ба мо „Нина Васильевна" гуфта шиносонд, ки зоотехники станцияи чӯҷабарории район будааст.

Нина Васильевна баробари омаданаш ба амаки Қурбонсаид салом дода бо табассум гуфт:

— Нағзед, мӯйсафеди тухмхӯр? Тухмхӯрӣ бас набуд, ки акнун ба чӯҷахӯрӣ ҳам сар кардед?

Ҳама қоҳ-қоҳ зада хандиданд.

— Нина Васильевна,—гуфта ба вай мурочиат кард акои Рустам,—шумо магар оқсаколи моро мешиносед?

— Бале,—ҷавоб дод Нина Васильевна.—Як маротиба дар ҳамин ҷо вохӯрда будем. Лекин мӯйсафед дар он вақтҳо чӯҷа намехӯрданд.

Боз ҳама хандиданд.

Ҳазлу шӯхӣ ба ҳамин ҷо расида буд, ки Нина Васильевна чун духтурони ҳақиқӣ ба санҷидани чӯҷаҳо сар кард. Ӯ ба аҳволи чӯҷахона хуб диққат кард, аммо камбудии ба назар намоёне ёфта натавонист. Баръакс, фарбеҳиву серҳаракатии чӯҷаҳоямонро дида хеле хурсанд шуд.

Нина Васильевна сарашро ба як тараф хам карда, андешамандона гуфт:

— Рости гап, ки ман чизе гуфта наметавонам. Ба ман ҳамин қадараш равшан шуд, ки чӯҷаҳо касал надоранд, тамоман сиҳатанд.

Акои Рустам, ки ба як гап кана барин маҳкам часпида гирифта буд, боз фикрҳои дирӯзаашро ба миён партофт.

— Не,—гуфта ба ӯ зид баромад Нина Васильевна.—Чӯҷаҳо ҳеҷ маҳал аз шарикони худ ҷудо намешаванд. Мабодо ҷудо шуда монанд ҳам, дуньёро ба сарашон мебардоранд.

Баъди ҳамин ман Нина Васильевнаро хеле нағз дида мондам. Зеро ӯ маро каме аз хиҷолат баровард. Ба гумонам,

баъд аз гапи Нина Васильевна ҳатто амаки Курбонсаид ҳам худро сабуктар хис кард. Вале акои Рустам, ки барои гузарондани фикраш дирӯз боз бо мудири ферма мунозира мекард, бо гӯшаи чашмаш норозиёна ба Нина Васильевна як нигоҳ карда гирифт. Аммо чизе нагуфт.

Нина Васильевна бе ба гап даромада, ҳодисаеро накл кард, ки бо чашмаш дида будааст. Аз гуфти ӯ дар чӯҷахонаи колхози „Москва" низ ана ҳамин хел вокеа рӯй додааст. Рӯзе ду-се, баъзан чор-панҷ чӯҷа кам мешудааст. Ин ҳодиса тамоми коркунони фермаро ба ташвиш андохтааст. Ниҳоят, пай бурдаанд, ки чӯҷаҳоро аккаи ало мебурдааст. Ҳамон аккаро паррондаанду чӯҷаҳо аз офат халос шудаанд.

— Мумкин,—гуфт акои Рустам.—Аммо аҷоибии кор дар ҳамин ҷо, ки чӯҷаҳои мо дар шаби торик ҳам гум шуда истодаанд.

— Дар шаб?—бо шубҳа пурсид Нина Васильевна.

— Бале,—гуфт дар ҷавоб акои Рустам.—Шаби гузашта якбора се чӯҷа кам шудааст.

Нина Васильевна китфонашро дар ҳам кашида, сарашро ба як тараф хам кард, ки аломати „ҳеҷ чизро нафаҳмидам" буд. Дакикае ҳама хомӯш монданд.

— Акои Олим,—хомӯширо вайрон карда ба мудири ферма муроҷиат намуд Нина Васильевна,—охир шумо аз ҳамаи мо ботаҷрибатар ҳастед-ку? Наход, ки дар давоми чордах сол ҳеҷ ба ҳамин гуна ҳодиса дучор наомада бошед-а?

— Дучор омадам, медонам ҳам,—гуфт бо ғурур акои Олим.—Ин кори калламуш, вассалом.

— Оббо, боз ҳамон гап!—аз оташинӣ ба тарафи дигар нигоҳ карда ғур-ғур кард акои Рустам.—Чӯҷахона сӯрохие надорад, шумо бошед факат аз калламуш сухан мекунед. Охир, калламуш аз осмон намефарояд-ку?!

— Фаромадан мегирад! Калламуш ана ҳамин тавр ҷонвари сеҳргар!—гуфт катъӣ карда акои Олим.—Агар бовар накунед, пагоҳ барвакттар ба ҳамин ҷо биёед. Ман онро бо чӯҷаҳои нобуд кардааш ба шумо нишон медиҳам!

# VI. Мактуб

Бегоҳӣ. Вақти баргаштани пода наздик шуда буд. Ман қадамҳоямро калон-калон мепартофтам, ки то омадани говҳо ба подахона расида гирам. Мабодо говамон ба пахта ё рӯйдаричаи касе надарояд, ки падарам аз ман бисьёр хафа мешавад.

— Мардон! Ҳой Мардон!—садои шиносе баланд шуд аз қафо.

Ба пуштам тоб хӯрда нигоҳ кардам, ки хаткашони колхозамон меояд.

— Салом, бобои Мансур,—гуфтам ба ӯ.—Шумораи гузаштаро ёфта овардед?

— Овардам, овардам,—гуфт дар ҷавоб бобои Мансур.— Газетаат бо айби мудири почта ба мактаби „КИМ" рафтааст. Саҳву хато мешавад-дия, писарам. Имрӯз якбора ду газетаро мехонӣ.

Хаткашон як даста газетаро гирифта, аз байни он ду шумора „Пионери Тоҷикистон"-ро ба ман дароз кард.

— Дар воқеъ,—гуфт бобои Мансур, боз ба сумкааш даст хаста,—ба ту мактуб ҳам буд.

Ман он мактубро, „албатта, аз тағоиам омадагист" гуфта пиндоштам (ӯ дар армия хизмат мекард). Лекин гумонам нодуруст баромад. Мактуб аз лагери пионерӣ, аз раиси совети отрядамон Хуррам будааст. Вай баъд аз салом чунин навишта буд:

*„Мардон! Пеш аз ҳама дӯстии тую Малларо табрик мекунам. Ташаббуси шумоёнро аз „Пионери Тоҷикистон" хонда бисьёр хурсанд шудам. Онро ҳатто ба ҳамаи хаймаҳо гирифта даромадам ва бо овози баланд хонда додам. Бисьёрии пионерони лагерамон аҳд карданд, ки баъди ба хонаҳояшон баргаштан, албатта, ба чӯҷахонаи шумоён рафта, бо корҳоятон шинос мешаванд. Умедворам, ки ба ин мактуби ман ҷавоб менависӣ, аз муваффақиятҳои наватон маро хабардор мекунӣ. Бо салом ҷӯраат Хуррам".*



Ҳайрон шуда мондам. Се рӯз аст, ки дӯстии ману Малла тамоман канда шудааст. Албатта, ба ин ман айбдор нестам. Ҳамаашро худи Малла кард. Бо вуҷуди он, ман дирӯз ба назди вай рафта будам. Малла ким-чӣ хел баҳонаҳо нишон дода, дар охир гуфт, ки нияти ба чӯҷахона баргаштан надорад. Вале ман намондам. Ӯро зӯран ҳамроҳи худ овардани шудам.

— Мардон,—гуфт он дам ба ман нигоҳ карда Малла,— медонӣ, бо гапи ту саросема шуда, ба худамон кори дуруст интихоб карда натавонистем.

— Чӣ?—гуфтам ман.—Магар фаромӯш кардӣ: дар лаби суфача, дар таки биҳии миёнкаҷ нишаста ба ин қарор омада будем-ку?

—Дуруст,—гуфт ноилоҷ Малла.—Аммо чӯҷапарварӣ ҳунари мо набудааст. Аллакай офат расид. Мебинӣ, баъди ду рӯзи дигар ба чӯҷаҳо бало ҳам мерасад. Беҳтараш, ки ту ҳам аз баҳри ин кор гузар.

— Не, ман намегузарам,—гуфтам ба ӯ нигоҳ карда.—Як корро, ки сар кардам, ба охир мерасонам.

— Рафту офат ҳамаи чӯҷаҳоро нобуд кунад?

— То кай нобуд мекунад?—гуфтам ман.—Охир ба даст меафтидагист?

— Майлаш, ту ба даст афтондан гир,—гуфта тамасхур кард Малла.—Лекин ман аз паи кори дигар мешавам.

Гап ба ин ҷо расида буд, ки ман аз пеши вай баромада раҳакӣ шудам. Пас, барои ин кор ман айбдорам? Не, ҳаргиз!

Боз гашта ба рӯи мактуби Хуррам нигоҳ кардам. *„Ташаббуси шумоёнро аз „Пионери Тоҷикистон“ хонда...“*

Ман газетаро, ки ҳозир гирифта будам, кушода дидам. Саҳифаи якӯм ва сейӯмро аз назар гузаронда истода ҳеҷ бовар намекардам, ки чӯҷапарварии моро дар газета навишта бошанд. Тифоқо ба „Муваффақиятҳои аввалин“ ном сарлавҳа чашмам афтиду дар сари хабар номи худамро дида дар ҳайрат мондам. Хабарро саросема хонда баромадам, расо таъриф кардаасту дар поёнаш „хонандаи синфи 5-ӯм Шариф Искандаров“ гӯён имзо гузоштааст. Рости гап, ки аз ин кори Мал-

ла бисьёр хафа шудам. Агар вакти омадани пода наздик намешуд, газетаро бардошта ба пешаш мерафтам. Охир, ягон каси ин таърифҳоро хондагӣ ба чӯҷахонаи мо омада монад, чӣ мегӯяд?

Акои Олим, ки бо зоотехники колхоз баҳс карда буд, барои ба даст афтондани офати чӯҷаҳо се шаб аст, ки мижа ҳам намекунад. Амаки Қурбонсаид ҳам ба дасташ милтиқ гирифта, шаби дароз дар таки дари чӯҷахона рост истода мебарояд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, баъзан бегоҳӣ, баъзан пагоҳӣ чӯҷаҳоро шумурда мебинем, ки ду ё сето кам мебароянд. Ин ҳол ҳамаро ба хашм меовард. Вале чӣ илоҷ... Ҳарду мардак замини чӯҷахонаро лагад мекунанд, оташин шуда, ба ҳамдигар талху тунд гап мезананду баромада мераванд.

— Агар ба дастам афтад,—гуфта худ ба худ аҳд мекунад амаки Қурбонсаид,—биллоҳ, ки гардашро ба осмон мебарорам!

Афсӯс, ки он ҷонвари лаънатиро ҳеҷ кас дастгир карда наметавонад. Пас, ман ба Хуррам дар бораи чӣ хел „муваффакиятҳо" нависам? Ин муаммо сари маро ба дард овард. Мана, ниҳоят шаб ҳам шуду ман ба ҷогаҳ даромадам. Лекин дар чашмонам аз хоб асаре набуд. Намедонам, ки он шаб дар бораи мактуби Хурраму ҷавоби менавиштагиам то чӣ вакт фикр кардам.

## VII. Гунаҳгори бегуноҳ

Рӯзҳои аввал ғами ман танҳо офати чӯҷаҳо буд. Баъд Малла ба чӯҷахона наомада монд. Гӯё ҳамаи ин корҳо бас набуд, ки боз мактуби Хуррам бар болои ин зам шуд. Ман акнун дар вакти нишастан, хестан, ҳатто роҳ рафтан ҳам фикр мекардам, ки ба раиси совети отрядамон чӣ ҷавоб нависам. Худамро карахт ҳис мекардам. Бо вуҷуди он, ба мурғхона дар вакти муқаррарӣ расида омадам. Дар саҳни мурғхона амаки Қурбонсаид наменамуд. Хурӯсҳо гардани худро

дароз карда, паси ҳам „ку-ку-ку-у-у..." гӯён чеғ мезаданд. Мурғҳо бошанд, вазнин ва хомӯш мегаштанд.

Сатили калоне, ки амаки Қурбонсаид ҳар вакт дар он сатил ба пеши мурғҳо дон бароварда мерехт, дар шохи зардолуи рӯи суфача овезон меистод. Ман ба сӯи чӯҷахона равон шудам. Аҷабо, сатил дар ҷои истодааш оҳиста-оҳиста алвонҷ мехӯрд, чизе даруни онро чунон кичир-кичир мекунонд, ки аз нӯки нохун сар карда, то майнаи сари кас виҷиррос зада мерафт.

— Аҷабо, дар он чӣ бошад?—худ ба худ савол медодам ман.

Қичир-кичири даруни сатил торафт авҷ мегирифт. Рафта дарунашро диданӣ будам, ки аз мурғхона амаки Қурбонсаид баромада омад. Дар як дасти ӯ ҷорӯб, дар дасти дигараш бели оҳанин буд. Чеҳрааш қадаре кушодагӣ, қадаммониаш ҳам далеронатар менамуд. Ӯ миёнбандашро сахт кашида, ду бари яктаки дарозашро ба зери миёнбанд тикконда буд ва қади дарозашро алвонҷ дода меомад.

— Хабар дорӣ? Офат ёфт шуд!

— Рост?—ба хаяҷон омада бесаброна пурсидам ман,—канӣ худи он, чӣ будааст?

Амаки Қурбонсаид ҷорӯбу бели дар дасташ бударо ба лаби суфача такья кунонда монду худаш бар болои суфа баромад. Сонӣ дасти росташро дароз карда, сатили дар шохи зардолу овехта шударо оҳиста гирифт.

То дами сатилро поин фуровардани ӯ ба пеши назарам чунон чизҳои даҳшатноке намудор гардиданд, ки номи он чизҳоро танҳо аз афсонаҳои кампирон шунида будам. Диламро ҳарос пахш карда, танам ба ларзидан сар кард. Вале даруни сатилро дидан ҳамон ҳамаи он чизҳое, ки ба пеши назарам оварда будам, мисли дуд аз чашм ғоиб шуд.

— Э, ин хорпуштча будааст-ку?—гуфтам беихтиёр ба амаки Қурбонсаид.

— Ҳа, хорпушт,—гуфт оромона амаки Қурбонсаид ҳам.—Ту чӣ гумон карда будӣ?

— Магар хорпушт ҳам чӯҷа мехӯрдааст?—гуфтам ман.

— Не, ман ба ту дурӯғ мегӯям...—гуфт ранҷида амаки Қурбонсаид.

Ман хомӯш мондам. Вале ҳеҷ бовариам намеомад, ки он хорпуштчаи майдаяк чӯҷаҳои моро хӯрда бошад. Инак, боз токат карда натавониста, кунҷковона пурсидам:

— Дар вақти чӯҷа хӯрда истоданаш даст гирифтетон?

— Не,—гуфта ҷавоб дод амаки Қурбонсаид.—Лекин ба чӯҷахона даромаданӣ буд, ки Олим дошта гирифт.

Вақте ки гапҳои амаки Қурбонсаидро шунидам, дар сари ман боз шубҳае пайдо шуд. „Хорпуштча мақсаде надошта бошад, ба таки дари чӯҷахона омада чӣ кор мекунад? Ба боғу токзорҳо равад намешавад",—гуфта аз дил мегузарондам.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, ба хорпуштчаи бечора раҳмам меомад. Мумкин аст, ки ҳоло аз шири модараш ҳам сер нашуда бошад...

Агар ба сатил каме нарасида истед, хорпуштча зуд ҷасорат пайдо карда, фукчаи дурафшмонанди сиёҳашро нишон медод. Чашмони майда-майдаи вай чунон тобише доштанд, ки чашми баъзе ангуштаринҳои қиматбаҳоро ба хотир меоварданд. Панҷаҳояш кӯтоҳ-кӯтоҳ буда, дар нӯкашон нохунҳои каҷакаш намоён шуда меистод. Вақте ки аз сатил баромаданӣ шуда, комати худро андаке рост мегирифт, пашми абрешиммонанди сап-сафеди шикамаш намоён мегардид.

— Бечора,—аз дил гузарондам ман.—Ҳоло худаш майдаяку аллакай ба дом афтидааст. Афсӯс, ки забон дораду гап зада наметавонад. Набошад, росташро мегуфту ҷони худро халос мекард.

Мана, вай „ҳой, бача, маро аз ин чоҳ барор. Охир ман ҳеҷ гуноҳе надорам" гуфта истодагӣ барин умедворона нигоҳ мекунад.

— Ба хорпуштча чӣ ҷазо медиҳед?—гӯён боз пурсидам ман.

— Намедонам,—гуфт амаки Қурбонсаид.—Олим таъин карда рафт, ки то омада дидани Рустам онро нигаҳ дорем. Баъд кори ӯ. Ягон ҷазо медодагист-дия.

Мӯйсарам якбора рост шуду гӯё аз болоям як сатил оби хунук рехта бошанд, танам виҷиррос зада рафт. Аз афти кор, гапҳои амаки Қурбонсаидро хорпуштча ҳам фаҳмид. Вай ҷонсерак ба девори сатил мечаспид, дастони бозукӯтоҳашро дароз мекард.

Амаки Қурбонсаид бепарвоёна аз ҷояш хесту сатилро боз дар ҷои аввалааш овехта монд. Ман ҳам ба ӯ чизе нагуфта, ба тарафи чӯҷахона равон шудам. Дари онро кушодаму чӯҷаҳоро ба ҳавои тоза баровардам. Сонӣ ба пешашон хӯрок монда, тамоми обкосаҳоро тоза кардам ва аз сари нав онҳоро об пур карда мондам. Вале ба чӣ гуна коре машғул нашавам, қичир-кичири сатил аз пеши гӯшам дур намешуд.

Мана, ниҳоят офтоб ҳам хеле баланд шуда, рӯз ба пешин наздик шуд. Тафси ҳаво мурғҳоро ба сояи дарахтон, ба мурғхонаҳо пеш карда даровард. Чӯҷаҳои бекарор ҳам ба чӯҷахонаи салкин даромада осуданд. Амаки Қурбонсаид ҳам барои хоби пешинӣ ба рӯи суфача баромад. Вай аз рӯи одати харрӯза яктакашро кашида ба таки сараш гузошт. Миёнбанди ҷигаррангашро кушоду ба рӯяш кашида истода, маро ба наздаш ҷеғ зад.

— Мардон, писарам,—гуфт ӯ меҳрубонона.—Ту ҳам хеле монда шудӣ, рав, бо ҷӯраҳоят бозӣ кун, дам гир...

Ман розӣ шудам. Аммо мисли харрӯза хурсанд набудам. Хорпуштчаи бечора дар пеши назарам меистод.

Ба ҳамин тариқ, ман аз мурғхона бо дили ноҳоҳам баромада рафтам. Бачаҳои қишлоқамон дар обкандаи чуқур, ки дар паҳлӯи биноҳ МТС воқеъ гардида буд, аз болои кӯпрук худро партофта оббозӣ мекарданд. Қисмашон дар регзори лаби ҷӯй ғелидаву ҷӯлида мехобиданд. Онҳо чунон сип-сиёҳ шуда буданд, ки ҳатто баъзеашонро базӯр шинохта мешуд.

— Чаро либосатро намекашӣ, Мардон?!

— Аз об метарсад,—гуфт касе.

— Натарс, об хунук не,—гӯён бачаҳо маро ба оббозӣ далолат мекарданд. Вале аҷоиб шуд. Ба обозии бачаҳо нигоҳ карда истода, дар сарам як фикри нав пайдо шуда монд.



Гӯё чизеро фаромӯш карда бошам, зуд ба роҳи омадаам баргаштам. Бачаҳо боз ғалоғула бардоштанд.

— Вай акнун чӯҷабон...

— Барои ҳамин биниаш як ваҷаб бардошта шудагӣ-дия.

Ман аз ин гапҳо парвое надоштам ва фурсате нагузашта, ба мурғхона расида омадам. Амаки Қурбонсаид рӯболо мехобид. Вай чунон дар хоби сахт буд, ки аз хурроккашиаш сатили дар шохи дарахт буда садо медод. Вале рӯи ӯ кушодагӣ, як дасташро ба таки сараш болин карда буд.

Ман ба атрофам як назар афкандаму ба болои зардолу баромадам. Ба сатил наздик шуда, оҳиста ба хорпуштча даст дароз кардам. Аз афти кор, вай маро душман пиндошт ва дарров мушт барин лӯб-лӯнда шуда гирифт. Ман як ба сӯи амаки Қурбонсаид, як ба сатил нигоҳ карда, хорпуштчаро оҳиста гирифтам. Вале илоҷи поён фаромадан набуд. Чунки дасти ростам бо хорпуштча банд буд. Аз сарам каллапӯшамро гирифтаму хорпуштчаро ба даруни он андохта, аз гиребон ба даруни куртаам партофтам. Баъд аз ин эҳтиёткорона ба кафо баргашта, поён фуромаданӣ шудам. Якбора атса зада пахлӯ гаштани амаки Қурбонсаидро дида ҳуш аз сарам парид.

— Расвои кор баромад-дия,—гуфта аз дил гузарондам ва худро дар кафои шохи ғафс гирифта истодам. Он дам хорпуштча ҳам гӯё ба ман касде дошта бошад, ҷунбида-ҷунбида аз даруни каллапӯш баромад. Фурсате нагузашта, хорҳои вай ба шикамам чунон халиданд, ки...

Аммо амаки Қурбонсаид атса зада сарашро як бардошту пахлӯ гашт. Сонӣ монанди аввала баланд-баланд хуррок кашидан гирифт.

Вактро ғанимат дониста, аз дарахт оҳиста-оҳиста фуромадам ва рост роҳи хонаамонро пеш гирифтам.

Мо як кафаси симин доштем, ки падарам як вактҳо дар он саъваеро парвариш карда буд. Рӯзе саъваро гурбаи ҳамсоя чанг зада ҷароҳатдор кард. Саъваи бечора ду рӯз синаашро ба замин дода хобиду дар рӯзи сейӯм мурд. Қафас бошад, аз ҳамон дам ин ҷониб дар шифти оғил овезон меистод. Ман хорпуштчаро ба даруни кафас андохта, ба наздаш об ва як чӯҷаи мурғамонро дошта гузоштам, ки даъвои мудири фермаю амаки Қурбонсаид рост аст, ё дурӯғ. Аммо хорпуштча на ба об нигоҳ мекарду на ба чӯҷа.

— Шояд аз ман тарсида истода бошад?—гуфта аз дил гузарондам ва карор додам, ки чӯҷаро дар шаби торик ба наздаш монда мебинам. Агар чӯҷахӯриаш рост бошад, ҷазояшро медиҳам, набошад, истодан мегирад.

Чӯҷаро аз кафас бароварда сар додаму зуд ба мурғхона баргашта омадам, ки амаки Қурбонсаид аз хобаш навакак хеста, ба оби ҷӯйча дасту рӯяшро шуста истодааст. Сатил ҳамчунон дар ҷояш овезон меистод. Лекин аз даруни он дигар садое намебаромад. Ҳамин вакт мудири ферма акои Рустамро ҳамроҳи худ гирифта омад. Равшан буд, ки онҳо маҳз барои дидан ва ҷазо додани „офат"-и чӯҷаҳо—хорпуштча омадаанд. Барои он, ки сирро ошкор карда намонам, ба тарафи чӯҷахона шитобидам. Онҳо бошанд, ба сӯи суфача тоб хӯрданд.

## VIII. Ёрии чӯраҳо

Ҳамин ки пешин наздик шуд, амаки Қурбонсаид ба ман рухсат медод, ки ба ҷойҳои дилхоҳам равам, бо бачаҳо оббозӣ кунам. Инак, ман дар вакти оббазӣ аз бачае фаҳмидам,

ки Рафику Рустамчон аз кӯх, аз пеши гӯсфандони ферма омадаанд. „Куллаҳои баланду шаршараҳои боҳайбат, марғзорҳои васеъю боз ким-чӣ хел ачоибу ғароиботҳои бисьёрро бояд дида бошанд" гуфта аз дил гузарондам ва карор додам, ки андаке бошад ҳам, бо онхо сӯҳбат карда баргардам.

Ба ҳамин максад, рост ба хонаи Рустамино омадам. Модари ӯ хабар дод, ки Рустамчону Рафик навакак ба хонаи Толиб рафтаанд. Ман аз он чо баромада, ба боғчаи Толибино омадам, ки дар себзор ба ғайр аз Рафику Рустам, чӯраҳои дигарам, хатто духтарон—Фароғату Ҳамида низ хозир буданд.

Мо чунон меҳрубонона мулокот кардем, ки гӯё чандин сол ин чониб ҳамдигарро надида бошем. Вале фурсати ҳолпурсӣ нарасида, ба себзор сарвожатиамон Ҳаким Шарифов ва Малла даромада омаданд.

— Табъи дил, бисьёр нағз шуд,—гуфт ҳамаи моро дар як чо дида вожатый.—Ман ба назди ҳар кадоматон рафтанӣ будам.

Мо дар таки дарахти себи аз ҳама калон ва сершохубартар, ки сояаш ҳам ғафс буд, давра нишастем. Вожатиамон бошад, ба танаи себ такья намуда, ҳамаи бачаҳоро якяк аз назар гузаронда, дар бораи дар таътил чӣ кор карда истоданамон пурсид.

Аввал Раҳим гап зад. Вай, ки бачаи бисьёр вазнин буду ҳамеша оҳиста-оҳиста гап мезад, аз кори комбайне, ки акааш меронд, ҳеч саросема нашуда накл кард. Аз рӯи ҳикояи ӯ маълум гардид, ки вай холо ёрдамчии наздиктарини акааш буда, то имрӯз хеле кисмҳои тракторро аз худ кардааст. Сонӣ бачаҳо дар бораи комбайн ҳам савол доданд. Раҳим номи бисьёр кисмҳои мураккабро аз ёд гуфта, ҳамаро дар хайрат монond.

— Бачаҳо,—гуфт Малла,—медонед, акнун ӯро „Раҳими комбайнчӣ" меномем.

Ҳама ханда карданд.

Баъд Рафику Рустам ба гап сар карданд. Онҳо дар кӯҳҳои баланд, дар ҳавои форами кӯҳистон гӯсфандонро чаро-



нида, гербария ва коллекцияҳо тайёр карданашонро хабар доданд. Толиб ҳикоя кард, ки дар муддати нигоҳубини онҳо вазни ҳар як гўсола қариб ду килограммӣ зиёд шудааст. Танашон тоза, бақувввату солиманд. Баъд аз ў бачаҳои дигар гап заданд. Вале ҳеҷ кадоми онҳо дар бораи камбудие даҳон накушод. Маълум шуд, ки корашон омад кардааст.

Вожатиамон сарашро қадаре боло гирифта, ба Малла чашм дўхт.

— Шариф,—гуфт ў.—Канӣ, гап зан, корҳои шумоён чӣ тавр?

Малла аввал каме саросема шуд. Вале зуд ба худ омаду фақат дар бораи „муваффақиятҳои аввалин" гап задан гирифт.

— Шариф,—гуфт ба ў ҷиддӣ нигоҳ карда вожатый.—„Гардани ростгўйро корд намебурад" гуфтаанд. Беҳтараш, ки ҳақиқати гапро гўй.

Бачаҳо дар тааҷҷуб монданд. Онҳо тез-тез ба ҳамдигар нигоҳ карда фаҳмиданӣ мешуданд, ки дар чўчахонаи „таърифӣ" чӣ ҳодиса рўй додааст. Малла, ки ҳамон аз гуфтани ҳақиқат метарсид, ҳамаи айбро ба гардани ман бор карданӣ шуд.

— Дурўғ, дурўғ гап зада истодааст,—бо ҳаяҷон сухани Малларо буридам ман.—Тарсончак!

— Чаро дурўғ будааст?—гуфт боз Малла.—Канӣ, гўй, кадом гапи ман дурўғ?

— Аз гўсолабонӣ тарсиданат чӣ? Ҳатто аз гург тарсида ба нигоҳубини кўчкорҳо розӣ нашуда будӣ-ку!

Мо чун хурўсҳои ҷангара гарданҳои худро дароз карда, ҳарду ҳам аз ҷоямон нимхез шудем. Агар сарвожатиамон намешуд, бешубҳа, як кўчкорҷанги калон сар шуда мерафт. Бачаҳо зуд ба миёна даромада, дуямонро ҳам ором карданд. Сўҳбатамон монанди аввала оромона давом кардан гирифт. Ман корҳои Малларо аз як сар нақл карда додам. Фурсате ҳама хомўш монд. Ман, албатта, аз ин ҳол хеле хурсанд шуда боварӣ ҳосил кардам, ки дар ҳақиқат ҳам айбе надоштаам. Вале гумонам нодуруст баромад.

— Мо буздилии Малларо пештар ҳам медонистем,—гуфта хомӯширо вайрон кард Фароғат.—Лекин аз Мардон умедамон калон буд. Камбудии Малла андак. Ҳамин қадар, ки вай акнун тарсончакиро ба худ касб карда гирифтааст. Вале хатоҳои Мардон бошад, ҷиддӣ... Вай ҳама корро худаш карданӣ мешавад. Масалан, пас аз пайдо шудани офат, Малла чӯҷаҳонаро партофта мегурезад. Мардон бошад, бо амаки Қурбонсаид танҳо худаш кор кардан мегирад, ба ҳеҷ кас мурочиат намекунад, ҳатто ба мо, ба рафиқонаш ҳам чизе намегӯяд.

— Рост.

— Қандата зан, Фароғат, дуруст гуфтӣ!—гӯён ғалоғула бардоштанд бачаҳо.

Онҳо аз чор тараф ба ману Малла часпиданӣ буданд. Аммо вожатый дасташро боло бардошта, моро ба хомӯшӣ даъват кард.

— Бачаҳо,—гуфт вожатый,—гуноҳи Мардону Малла бисьёр калон. Лекин мо барои муҳокима кардани гуноҳи онҳо вақт надорем. Биёед, фикр кунем, ки чӯҷаҳои бечораро чӣ тавр карда аз офат халос намоем.

— Ба рафиқонамон ёрӣ мерасонем,—гуфт аввалин шуда Толиб.

— Дуруст.

— Албатта ёрӣ медиҳем,—маъқул карданд бачаҳои дигар ҳам.

Фароғату Ҳамида низ хоҳиш карданд, ки дар кори нест кардани офати чӯҷаҳо иштирок намоянд. Аммо Толиб ба хоҳиши онҳо зид баромада гуфт:

— Рафиқ вожатый. Духтаронро ба корҳои худашон фиристодан даркор.

— Барои чӣ?—норозӣ шуданд Фароғату Ҳамида.

— Барои он ки,—гуфт Толиб,—мо дар рӯзи равшан мубориза намебарем, балки дар шаби торик.

— Ҳувв,—гуфт Ҳамида лаби тунукашро каҷу килеб карда,—шумо духтаронро Малла барин буздил гумон мекунед? Мо аз бало ҳам наметарсем.

Ин гапи Ҳамида на фақат ба худи Малла, ҳатто ба ман ҳам сӯзан барин халида рафт. Аммо илоҷи даҳон кушодан набуд. Духтарҳо бошанд, ҳамон суст наомада, бо Толиб баҳсу мунозира мекарданд. Фақат баъд аз гапҳои вожатый дар ҳақиқат ҳам муҳим будани вазифаи худро фаҳмида, Фароғат ба сӯи фермаю Ҳамида ба яслии колхоз рафтанд. Мо ҳам бо сардории вожатиамон ба тарафи мурғхона раҳсипор шудем.

## IX. Мург хуррок мекашад ё не?

Як шабу як рӯз аст, ки мо ҳама дар таки дари чӯҷахонаем. Фақат сарвожатиамон набуд: вай нимирӯзӣ ба кучое баромада рафт. Мана, пеш аз фурӯ рафтани офтоб вай ҳам расида омад. Аз сару рӯяш арақ мешорид.

— Хӯш, чӣ навигариҳо?—саросемавор пурсид вай.

— Хеҷ навигарӣ нест,—гуфта ҷавоб додем мо.

Амаки Қурбонсаид, ки ҳама корҳои мурғхонаро анҷом дода буду дам гирифта менишаст, ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

— Офати лаънатӣ ҳам аз шумоён тарсид, ки дишаб фақат бо як чӯҷа қаноат кард. Вагарна баъзе шабҳо ду-сето кам мешуд.

— Ҳоло натарсидааст,—гуфт вожатый.—Агар метарсид, ҳамон якторо ҳам нест намекард.

— Фақат „офат, офат" мегӯеду худашро ҳеҷ намебинем-ку?—сухани вожатыйро бурида аз амаки Қурбонсаид пурсид Раҳим.

— Э, мулло Абдураҳим-е,—гуфт хандида амаки Қурбонсаид,—агар он падарқусурро медидем, амон намедодем. Аз сад ҷонаш як ҷонаш ҳам халос намешуд, писарам.

— Акнун вай боз гурусна мондагист,—ба гап ҳамроҳ шуд Малла,—имшаб албатта мебарояд, дастгир мекунем.

Толиб таклиф кард, ки бачаҳо мисли дишаба афсонагӯӣ накунанд. Вале ба ин дигарон зид баромаданд. Хусусан Рустам, ки афсонагӯии Малларо бисьёр дӯст медошт, ба гапи Толиб сахт муқобил баромад.



— Баръакс,—гуфт ӯ, — афсонагӯии Малла хоби касро мепарронад.

Толиб мехост, ки боз фикри худро гузаронад. Аммо ба миён сарвожатиамон даромад.

— Бачаҳо,—гуфт вай.— Майлаш, Шариф афсонаашро гуфтан гирад. Лекин тартиби навбатдориро дигар мекунем. Дишаб то қариби саҳар афсонагӯй кардетону якбора хоби ҳамлатон бурда монд...

— Не, чашм напӯшидем.

— Ман ҳеҷ хоб накардаам.

— Ман ҳам тамоми шаб бедор будам,—гӯён ғалоғула бардоштанд бачаҳо.

— Бачаҳо, иқрор шудан даркор,—гӯён тарафи вожатыйро гирифт Раҳим.—Вақте ки амаки Қурбонсаид омада маро бедор карданд, ҳама ба китфи якдигар сар монда хуррок мекашидетон.

Бачаҳо ҳаргиз суст намеомаданд.

Онҳо „мо хуррок кашида истода бошем ҳам, аз ҳама кор бохабар будем" гуфта даъво мекарданд. Вақте ки амаки Қурбонсаид ҳам ба гап ҳамроҳ шуда, гуфти Раҳиму вожатыйро маъқул кард, бачаҳо каме аз дамашон гаштанд. Табъашон хираю қавоқашон овезон шуд. Ин буд, ки Толиб аз вожатый пурсид:

— Чӣ навъ ташкил кардани навбатдориро нагуфтед-ку?

— Ҳа, дар воқеъ,—гуфта ба гап сар кард вожатиамон.— Имшаб дар таки дари чӯҷахона фақат ду нафарӣ меистем.

— Дигарҳо чӣ кор мекунанд?—пурсидам ман аз ӯ.

— То расидани навбаташон хоб мекунанд,—гуфта ҷавоб дод сарвожатиамон.

Ин фикр ба ҳамаи мо, ҳатто ба амаки Қурбонсаид ҳам

маъқул шуд. Толиб даррав дафтарчаи кисагиашро гирифта, ба навиштани номи навбатдорон тайёрӣ дид. Ба рӯйхат аввалин шуда худро Малла нависонд ва хоҳиш кард, ки номи дуямон паси ҳам навишта шавад. Ман, ки акнун бо вай ҷӯрагиро тамоман канданӣ будам, қавокамро гирифта хомӯш истодан гирифтам. Толиб гоҳ ба Малла, гоҳ ба ман ва гоҳ ба дафтарчааш нигоҳ мекард.

— Навиштан гир,—гуфт ба Толиб вожатый,—онҳо аз аввал ҳам ҷӯраи каринанд.

Толиб навишт. Баъд дигарон ҳам худро ба рӯйхат нависонданд. Бегоҳӣ мувофиқи ин рӯйхат навбати аввалин ба ману Малла расид.

Ҳамаи бачаҳо дар таки зардолу, дар рӯи суфача менишастанд. Ҳазлу шӯхӣ, ҳаёҳуи онҳоро бемалол шунида меистодем. Вале аз сабаби бисьёр торик будани шаб, худхошонро дида наметавонистем.

Ман аҳд карда будам, ки бо Малла дигар гуфтугӯ накунам. Аммо вай аз ин нияти ман пай бурда, кӯшиш мекард, ки бо ман гуфтугӯ карда, мисли аввала карин шуда гирад. Вале ман ба ӯ забони хуш надода, ба замин чашм дӯхта менишастам.

— Мардон, медонӣ, дирӯз дар вақти аз себзори Толибино омада истоданам чӣ ҳодиса рӯй дод,—гуфта ба нақл кардан сар кард Малла.—Дар тангкӯчае ба як саги калон воҳӯрдам. Хоҳ бовар кунӣ, хоҳ не, худи хар барин буд. Мӯи баданаш сип-сиёҳ, пешонааш қашқа, пойҳояш дароз-дароз. Гӯшу думаш буридагӣ, чашмони калон-калонаш беҷо менамуданд. Ҳарду якдигарро дида дар ҷоямон истода мондем. На вай қафо гаштан мехост, на ман. Саг чашмони оташборашро ба ман дӯхта истод. Гумон кардам, ки ҳозир омада, аз ҳами поям мегирад. Бехад тарсидам ва оҳиста-оҳиста ба таки девор баромадам. Чун нобиноҳо деворро дошта-дошта якчанд қадам пеш мондам ва якбора давидам. Хеле омада ба қафоям нигоҳ кунам, ки саг аз ман гурехта рафта истодааст.

Чун нақли Малла ба ҳамин ҷо расид, худро дошта натавониста беихтиёр хандида фиристодам. Худи Малла бошад, ҳеҷ намехандид.

— Баъд чӣ шуд?—гуфта пурсидам.

— Баъд ба наздатон расида омадам, ки чӣ шуданашро худат дидӣ,—гуфт ӯ дар ҷавоб.

Ба ҳамин тариқ, дуямон боз ҳамгап шудем. Фурсате нагузашта, вожатый ба наздамон омад.

— Мардон,—гуфт вай,—хезетон, вақтатон тамом шуд.

Мо навбатдориро ба Рафиқу Рустам супорида, ба таки зардолу, ба пеши бачаҳо омадем. Ҳоло ҳама бедор, чақ-чақ карда менишастанд. Ҳамин ки ба паҳлӯяшон омада нишастем, бачаҳо ба Малла часпида хоҳиш карданд, ки ягон афсонаи аҷибе гуфта диҳад. Лекин ӯ розӣ нашуд.

Ин дафъа худи Толиб хоҳиш кард, ки Малла ақаллан ягон ҳодисаи аҷиберо гуфта диҳад.

— Медонед, бачаҳо,—гуфта ба гап даромад Малла,—ман қасд карда будам, ки имшаб чизе нагӯям. Лекин танқидҳои Толибро шунида, ба дигар фикр омадам. Ман ба шумо „Се кӯкнорӣ"-ро гуфта медиҳам.

— Қандата зан!

— Офарин, Малла!—баланд шуд фарьёди бачаҳо.

Малла аз рӯи одаташ як сулфида гирифту каллапӯшашро ба сари кошаш фароварда:

— Дар замони пеш се кӯкнорӣ будааст,—гуфта ба нақл сар кард.—Ҳар сеяшон ҳам худро дар донишмандӣ беназир, яъне ягона мешуморидаанд. Рӯзе ҳар се пас аз ду шохкосагӣ оби кӯкнорро нӯшидан аз донишмандии худ ба ғурур омада, „олимӣ"-и якдигарро санҷиданӣ шудаанд. Кӯкнории якӯм гуфтааст, ки:

— Аҷабо, дарьё оташ гирад, моҳиён ба куҷо мерафта бошанд?

— Наход ҳаминро ҳам ақлат нагирад,—гуфтааст кӯкнории дуйӯм.—Дарьё, ки оташ гирифт, моҳиён зуд бар болои дарахтон мебароянд.

— Дуятон ҳам хуб одамони содда будаед,—гуфтааст кӯкнории сейӯм.—Моҳӣ барзагов аст, ки бар болои дарахт барояд?

Бачаҳо аз ханда суст шуда, дар чашмашон об намонд.

Толиб „Қандата зан, Малла“ гӯён ба сари китфи ӯ зад. Бачаҳо ҳамон механдиданд. Рустам хоҳиш кард, ки Малла боз ягон латифаи дигаре гӯяд. Аммо вай қабул накард.

Ин буд, ки навбати посбонӣ ба Раҳиму Толиб расид. Мо ҳамин тавр ҷои худро иваз карда, то ними шаб навбатдорӣ кардем. Вожатию амаки Қурбонсаид ҳам чашм напӯшида, атрофи мурғхонаро давр мезаданд, навбатдоронро хабар гирифта меистоданд. Хулласи гап, ки ману Малла дафъаи сейӯм ҷои худро ба Рафику Рустам дода, ба таки зардолу омадем. Бачаҳо чаппаву роста дар рӯи шоли суфача ғелида, гӯё бо якдигар мусобиқа карда бошанд, монугир хуррок мекашиданд. Дуямон ҳам паҳлу ба паҳлу дароз кашидем. Вале ҳеҷ хобамон намеомад. Ҳамин вақт Малла:

— Мардон, медонӣ, чаро одамон ин қадар баланд хуррок мекашанду мургон не?—гуфта ба ман савол дод.

— Мурғҳо ҳам хуррок мекашанд,—гуфтам ман дурусттар фикр накарда.—Лекин одамон, ки аз мурғон дида хеле калонанд, хурроккашон шунида мешавад...

— Фарз кардем, ки одамон калон-а?

— Бале,—гуфтам ман.

— Гурбачаҳо аз мурғ хеле хурданд-ку? Ту чӣ хел хуррок кашидани онҳоро шунидай?

Ман фикр карда мондам, ба хаёлам мурғон ҳам хуррок мекашиданд. Ҳамин ки диққатамро ба як нуқта ҷамъ намуда фикр кардам, ба гӯшам хурроки мурғон бемалол шунида шудан гирифт. Вале Малла бошад, ба ҷои қоил шудан фақат якравӣ мекард. Мунозираи мо ба ҷое расид, ки дуямон ҳам хеста ба мурғхона рафтем. Дари онро оҳистек кушода даромадем. Даруни мурғхона бисьёр торик ва гарм буд. Ба чашм на мурғон менамуданду на ходаҳои онҳо мехобидагӣ. Даруни мурғхона чунон сокит буд, ки ғайр аз нафаскашии дуямон дигар чизе шунида намешуд.

Малла таънаомез гуфт:

— Ана, нагуфта будам, ки мурғҳо хуррок намекашанд?

Ман ба ин гапҳои вай эътибор надода, аҳд кардам, ки мурғеро гираму ба таки гӯши ӯ бурда „хуррокашро



акнун шунидӣ?"—гӯён коил кунам. Ба ҳамин мақсад мурғеро гирифта будам, ки вай якбора қиғғос зада фиристод. Чун садои онро шуниданд, хурӯсҳои лаънатӣ ҳам тарафкашона ғалоғулаи воҳиманоке бардоштанд, гӯё ки ба мурғхона рӯбоҳ даромада бошад. Рости гап, ки дуямон ҳам тарсида, ҳатто роҳи баромадро ёфта натавониста мондем. Он мурғи шӯрапушт, ки ман ӯро кайҳо ба замин сар дода будам, ҳамон мурғхонаро ба сараш бардошта дод мегуфт.

Дар торикӣ Малла ба ман, ман ба вай бархӯрдем. Вале дарро ёфта наметавонистем. Ҳамин вақт як рӯшноие намоён шуду ба мурғхона саросемавор вожатый, сонӣ амаки Қурбонсаид даромада омаданд. Фонуси аробаро бардошта Толиб ва бачаҳои дигар ҳам расида омаданд. Мурғхона равшан гардид. Акнун мо якдигарро бемалол дида метавонистем.

— Хӯш, худаш чӣ гап?—ба дуямон ҳам ҷиддӣ нигоҳ карда пурсид вожатый.

Мо пахлу ба пахлу истодему воқеаро рӯирост нақл карда додем.

Вожатый ва амаки Қурбонсаид, ки дар вақти даромадан бисьёр оташин менамуданд, оҳиста-оҳиста лабҳояшон ба табассум майл кард. Чун нақли ману Малла ба охир расид, бачаҳо якбора хандида фиристоданд.

— Тавба,—мегуфт ғур-ғуркунон амаки Қурбонсаид,—бача гӯй, каппа-калонанд, калон гӯй, рафторашон аз кӯдак ҳам бадтар.

Ин буд, ки чашми сарвожатый ба Рафиқу Рустам афтид. Онҳо фурсати даҳон кушодани вожатый нарасида, дартоз ба ҷои навбатдориашон давиданд.

Мо ҳамагӣ аз мурғхона баромадем. Аз байн як дақиқа нагузашта, овози ҳаяҷонноки Рафиқ баланд шуд:

— Рафиқ вожатый! Толиб!!

Мо чун рамаи гӯсфандон ба сӯи чӯҷахона давидем ва даромада дидем, ки чӯҷаҳо хомӯш хобидаанд. Рафиқу Рустам бо ҳаяҷон нақл карданд, ки дар баробари омадан чи-чии чӯҷа ва шарфаеро шунидаанд. Ба ин баъзеҳо бовар карданд, баъзеҳо „аз тарс ба гӯшатон ҳамин тавр шунида шудагист" гӯён онҳоро масхара мекарданд. Бо вуҷуди он, сарвожатиамон фармуд, ки даруни чӯҷахонаро дурустакак аз назар гузаронем. Супориши ӯро баҷо овардем. Лекин дар чӯҷахона чизе набуд. Қарор додем, ки чӯҷаҳоро аз рӯи эҳтиёт шумурда бинем. Вақте ки ин кор ба охир расид, ҳама бо ҳаяҷон ба якдигар нигоҳ кардем: аллакай ду чӯҷа ғоиб шуда буд.

— Аҷоиб,—мегуфт вожатиамон ба чор тарафи чӯҷахона чашм давонда.—Дар ин ҷо як сир ҳаст.

— Чӣ сир?—бо алам гуфт амаки Қурбонсаид.—Ин як офат, офати чӯҷаҳо...

## X. Бобои Толиб

Корамон ки ҳеҷ барор намекард, имрӯз боз дар себзори Толибино ҷамъ шудем. Ҳама ҳозир шуда буд. Ҳатто Фароғату Ҳамида, ки барои хабар гирифтан омада буданд, тараддуди баргаштан накарда, ба сӯҳбатамон ҳамроҳ шуданд.

Акнун мо на ҳазлу бозӣ мекардем, на хандаю шӯхӣ. Чеҳраи сарвожатиамон ҷиддӣ, қавоқҳояш овезон буд. Намедонем, ки имрӯз ӯ ба назди киҳо рафта, чӣ хел маслиҳатҳо гирифта омад.

Дар ин ҳангом аз дари кӯча як пирамарди хамидақомат, ки дар даст асои оҳанини нӯктезе дошт, даромада омад. Ӯро ҳамаи мо нағз мешинохтем. Ин пиракӣ одами куҳансолтарини қишлоқ—бобои Толиб буд.

Ӯ либосҳои сап-сафеди суф пӯшида буд. Бар болои ин, ришу муйлаб ва ҳатто абрӯвони ғафсаш ягон тори сиёҳ надошт. Аммо қадаммониаш бардам, чашмони мешиаш низ тез буданд.

Бобо рост ба сӯи мо нигоҳ карда меомад. Мо зуд аз ҷойҳоямон хеста, ба вай салом додем. Бобо, ки одами бисьёр кушодчеҳраи ширинзабон буд, „канӣ, йигитчаҳо" гӯён ба мо даст дароз кард. Мо ҳам сарҳоямонро хам карда, бо вай вохӯрӣ кардем. Дасти пирамард калон ва шояд аз сабаби лоғарӣ бошад, ки ангуштонаш дароз-дароз менамуданд. Дар айни замон вай дасти касро чунон сахт мефушурд, ки ӯро мӯйсафеди 96-сола не, балки ҷавони бисту панҷсола мепиндоштед.

— Боракалло, боракалло, набераҳоям,—гуфт бо чеҳраи кушод бобо.—Сайри себзор кардетон-дия. Бисьёр хуб кардетон. Охир, ҳамаи ин ҷойҳоро ман барои шумо барин набераҳоям сабз карда мондаам. Кадом вакт дилатон кашад, биёетон, сайру гашт кунетон, дар сояаш нишаста дам гиретон, аз меваҳояш хӯретон. Ана ман дида хурсанд мешавам, аз сари нав қувват мегирам, бачаҳоям.

— Раҳмат!

— Раҳмат, бобо!—гуфтем бо як овоз мо.

Бобо, ки одами бисьёр зирак ва бофаросат буд, аз ҷамъ шуда нишастанамон чизеро пай бурда гуфт:

— Аз афти кор, маҷлис карда истодаетон, ман халал нарасонам,—ва дарҳол ба сӯи хонааш баргаштанӣ шуд.

— Не, не, furобоҷон,—гӯён сухани вайро бурид сарвожатиамон,—ҳаргиз халал намерасонед. Бе ин ҳам ба наздатон рафта, аз шумо маслиҳат гирифтанӣ будем.

— Ох, писарам-а,—гӯён мад кашид ва дахони бедандонашро каме кушода хандид бобо.—Ман куҷову ба шумоён маслиҳат додан куҷо. Бе маслиҳат ҳам, ман ба шумоён шаҳрамро додагӣ. Мана, якеи шумоён.—ӯ ба Толиб ишора карда гапашро давом дод,—як гап-як гапҳоро мепурсад, ки домуллои маро хонондагӣ ҳам ба саволи ӯ ҷавоб дода наметавонад. Вай аз ман: „Бобо, охир шумо ҳам хондагӣ-ку, чаро ҳеҷ чизро намедонед?"—гуфта мепурсад. О, дуруст, ман ҳам хашт соли пурра роҳи мактаби масҷидамонро аз гаштан фит карда будам. Аммо бефоида, алифро калтаку б-ро ғалтак мегуфтам.

Рӯзе Толибҷон „Мактаби кӯҳна" ном китоби Садриддин Айниро хонда дод. Ба он гӯш дода: „Раҳматӣ Айнӣ расо ҳақиқатро навиштааст" гуфта қоил шудам. Ҳамааш рост. Ҳамин қадар, ки мактаби таълим гирифтаи ман, аз мактаби вай ҳам бадтар буд.



Ин суханони боборо шунида, бачаҳо якбора хандида фиристоданд.

— Рост, набераҳоям,—гуфта наклашро давом дод бобо.— Охир, тирезаи мактаби Садриддин Айнӣ ба ҷои оина коғази равғани зағир молидагӣ доштааст. Мактабе ки ман дар он хондам, ҳамон хел коғаз ҳам надошт. Фақат аз миёнҷои шифти хона як равзан буд, ки дар рӯзҳои хунук дуди чашмкӯркунандаи кундаҳоро мекашид, боз ба мо равшанӣ ҳам дода меистод.

Ба ин гапҳои бобо баъ-

зеҳо хандиданд, баъзеҳо сарашонро ҷунбонда, ба айёми бачагии бобо, ки тамоман беҳуда гузаштааст, афсӯс хӯрданд.

— Душворие, ки моро овора карда истодааст,—гуфта гапро ба сари максади худ овардани шуд вожатый,—саволҳои Толиб барин не, осонанд.

— Майлаш, майлаш, гӯетон,—розигӣ дод бобо.—Агар донам, як даҳан ҷавобро аз шумоён дареғ намедорам, набераҳоям.

Сарвожатый дар борап офати ҷӯҷахона накл карда дод. Мо хомӯш истода даҳони боборо мепоидем. Вай пас аз гуфтаҳои вожатыйро бо диккат шунидан, чашмони калон-калони пилксурхашро ба як нукта дӯхта андаке фикр кард. Баъд ба вожатый саволҳо дод. Ҷӯҷахона дар чӣ гуна ҷой аст, дар атрофи он чиҳо ҳаст, пурсида гирифт.

— Ин тавр бошад, ҷӯҷаҳои колхоз ба офати бад вохӯрдаанд,—гуфт аз таҳти дил афсӯс хӯрда бобо.—Агар онро нест накунетон, дар андак вакт ҳамаи ҷӯҷаҳоро нобуд мекунад.

— Вай аллакай хеле ҷӯҷаро кир кард,—гуфт сарвожатиамон.—Лекин мо намедонем, ки худи он чӣ бошад?

Бобо беихтиёр хандид.

— Вай, албатта, худашро нишон намедиҳад,—гуфт ӯ.—Зеро нагз медонад, ки шумоён онро дидан ҳамон зада мекушед. Вай махлуки бисьёр маккор...

— Аз ин мебарояд, ки онро харгиз дидан мумкин набудааст-дия?—бесаброна ба гап ҳамроҳ шуда пурсид Толиб.

— Ҷаро?—гуфт ба набераашнигариста бобо.—Дидан ҳам, ба даст афтондан ҳам мумкин.

Дар чеҳраи ҳамаи мо хурсандӣ дамид. Хусусан сарвожатиамон, ки якчанд рӯз инҷониб бисьёр дилтанг менамуд, баъд аз шунидани суханони бобо ба куртааш намегунҷид.

Бобо ба накл сар кард.

—Такрибан ҳаштод, ҳаштоду панҷ сол пеш аз ин,—гуфт ӯ,—дар оилаи мо ҳам чунин ҳодиса рӯй дода буд. Мисли шумоён ҳеҷ сарфаҳм нарафта, дар охир аз баҳри ҷӯҷа ҳам, ҷустуҷӯи офати он ҳам гузашта будем. Чунки чизи гумон

накардагиамон намонд. Охир, рӯз каровулӣ кунем, чӯҷа шабона нест мешуд, шаб каровулӣ кунем, рӯзона гум мешуд. Хуллас, дар байни чор-панҷ рӯз нисфи чӯҷаҳои мурғамон нобуд шуд. Рӯзе ба хонаи мо як кампир меҳмон шуда омаду чӣ будани он офати чӯҷаҳоро фаҳмонд. Роҳи нест кардани онро ҳам гуфта дод.

— Эй, ҳамон кампир ҳозир дар куҷо бошад-а?—ҳаяҷонашро ба дилаш гунҷонда натавониста пурсид Малла.—Зуд ба наздаш мерафтем.

Бобо ба вай абрӯвони пахта барин сафедашро чин карда як нигоҳ карду боз табассум намуда суханашро давом дод:

— Ту хоб ё бедорӣ?—гуфт ӯ.—Ман ходисаи ҳаштоду панҷ сол пешинаро гап зада истодаам. Вай кампир кайҳо хоку туроб шуда рафт, бачам.

Мо якбора хандидем. Малла сарашро хам карду ба замин чашм дӯхта монд.

— Хӯш, сонӣ чӣ шуд?—гӯён сарвожатиамон бобoро боз ба гап даровард.

— Чӣ мешуд,—гуфт бепарвоёна бобо,—он офатро куштему ҷони чӯҷаҳо халос шуд.

— Охир, чӣ навъ карда?—бетокатона пурсид сарвожатиамон,—худи вай чӣ будааст?

— Куштани он кори душвор нест,—гуфта фаҳмонд бобо.—Аммо ба даст афтонданаш... Курбонсаид ҳам, шумоён ҳам дар чӯҷахона фонус гиронда хатои калон кардаетон. Гуфтам-ку, вай махлуки чунон айёр, ки ҳатто нафаскашиатонро шунавад, худро ҳаргиз нишон намедиҳад. Ман ҳозир номи онро намегӯям. Лекин шумоён аз куҷое набошад, як хорпушт ёфта биёретон. Баъд роҳи ба даст афтондани онро гуфта медиҳам.

Дили ҳама сахт-сахт метапид, хурсандии бачаҳо интиҳо надошт. Аммо номи хорпуштакро шунида, ҳама суст шуда монданд. Хорпуштак чунин ҷонварест, ки дар вакти зарурӣ бо кофтан ёфт намешавад.

Бобо дигар гап назад. Вай ба асои оҳанини нӯктезаш ка-

ме такья намуда, гоҳ ба кунҷу канори майдон, гоҳ ба шохаҳои хамшудаи себҳо менигарист.

— Рафиқ вожатый!—гуфтам ман диққати ҳамаро ба худ кашида.—Иҷозат диҳед, ман ҳозир рафта, аз хона хорпуштчаамро биёрам.

Ҳама яккад парид. Ҳатто бобои Толиб, ки ғарқи тамошои себзор буд, якбора ба ман нигоҳ кард.

— Хорпуштча?—бовариаш наомада пурсид вожатиамон.— Магар ту хорпуштча дорӣ?

— Ҳа, дорам.

— Э, ин тавр ки бошад, дав!—гуфт хурсандона ӯ.

Ман ба сӯи хонаамон нигоҳ карда давидам. Баъд аз хеле роҳ тай карданам дидам, ки Толибу Малла ҳам аз қафои ман давида меоянд.

## XI. Ба даст афтод!

Аз рӯи таълими бобои Толиб, ки баъд аз гирифта омадани хорпуштча дода буд, мо ба чӯҷахона хеле бевақт омадем Офтоб кайҳо фурӯ рафта, атрофро торикӣ фаро гирифта буд. Амаки Қурбонсаид дар таки сутуни чӯҷахона сари зону нишаста, машғули гирондани фонус буд. Вай ба чӯҷахона даромадани моро пай набурд.

— Амаки Қурбонсаид,—гуфт бо ғурур Малла,—мо боз як ҳилаи нав ёфта омадем. Акнун кори офататон чаток.

Мурғбон, ки фонус дар даст аз ҷояш хест ва нури фонусаш атрофро равшан намуд, хорпуштчаи маро дида яккад парид.

— Аз куҷо ёфтӣ?—қавоқашро гирифта пурсид вай.

— Аз они худамон,—гуфт Малла ба ҷои ман ҷавоб дода.— Вай имшаб дар чӯҷахона посбонӣ мекунад.

— Посбонӣ?—гуфта пурсид амаки Қурбонсаид.—Ин боз чӣ номаъқулии нав? Охир, вай ҳамаи чӯҷаҳоро нобуд мекунад!

— Хӯш, худаш чӣ гап?—гӯён сарвожатиамон даромада

омад.—Шумоён амаки Қурбонсаидро ҳеҷ ором намемонетондия.

Мо боиси сар шудани ғавғоро ба ӯ гуфтем. Сарвожатиамон гапи моро шунида, ба амаки Қурбонсаид ҳаман гуфтаҳои бобои Толибро нақл карда дод. Бо вуҷуди он, амаки Қурбонсаид хеле якравӣ карда, хорпуштчаро ба чӯҷахона роҳ надоданӣ шуд. Вале мо ҳам суст наомадем.

— Майлаш,—гуфт ӯ дар охир, вале таъкид карда монд:
— Аммо чандто, ки чӯҷа нобуд шавад, ҷавобашро ба мудири ферма худатон медиҳед.

Хотирҷамъ бошед,—гӯён даррав розӣ шуд сарвожатиамон ва фармуд, ки имшаб дар чӯҷахона фонус нагиронем.

Амаки Қурбонсаид, ки аз корҳои ҳозираамон тамоман норозӣ буд, аз чӯҷахона базӯр баромад. Мо хорпуштчаро дар рӯи чӯҷахона сар дода, худамонро зуд берун гирифтем ва дари онро зич пӯшида дар берун хомӯш нишастан гирифтем. Аз рӯи таълими бобои Толиб ҳар кадомамон калтаке ба даст гирифта будем, ки дарозии он якуним ва баъзеаш ду метр меомад. Вале то ҳол ҳеҷ кас намедонист, ки бо вай калтакча чиро мезада бошад. Ба мо лозим буд, ки то шунида шудани шарфае дар таки дар хомӯш нишинем. Айнан ҳамин тавр кардем. Ин, албатта, душвор набуд. Вале хомӯшакҳои лаънатӣ намегузоштанд, ки бемалол нишинем.

Хомӯшакҳо аз хеле ҷо ғинг-ғингкунон меомаданду гоҳ ба рӯямон, гоҳ ба пушти гарданамон, гоҳ ба бозуи дастонамон нишаста неш мезаданд. Инак, мо худамонро худамон мезадем, рӯйҳоямонро харошида-харошида хуншор мекардем. Аммо гап задан, ҳатто баландтар нафас кашиданамон мумкин набуд. Ҳамин тариқа бо хомӯшакҳо афту дарафт карда, шабро аз нисф гузарондем.

Моҳи дувоздаҳрӯза, ки ба нони як лабаш шикастагӣ монанд буд, уфукро лолагун сохту оҳиста-оҳиста ба қафои зардолуи рӯи суфачаи мурғхона ғӯтида рафт. Ситораҳо аз аввала ҳам калон ва дурахшонтар шуданд.

Ин буд, ки аз тарафи шарқ насими фораме вазиду баргҳои дарахтонро ба ҷунбиш овард. Баъд аз ҳамин хомӯшак-

хои лаънатӣ беному нишон шуданд, надонистем, ки ба замин даромаданд, ё ки ба осмон баромаданд.

То ин дам аз чӯчахона шарфае шунида нашуд. Факат хорпуштча, ки дар умраш ба ин гуна хонаи калону ҳама тарафаш маҳкам надаромада буд, бо нохунҳои тезаш дарро китир-китиркунон мехарошид, фурсате ғоиб шуда мерафту боз омада китир-китирашро такрор мекард. Дар охир фаҳмид, ки илоҷи берун баромадан набудааст.

Мана, қариб як соат аст, ки хорпуштча ҳам дар каноре рафта хоб карду даруни чӯҷахона ҳам тамоман хомӯш шуда монд. Танҳо ғур-ғури амаки Қурбонсаид, ки аз хорпуштчаро сар дода мондани мо норозӣ буд, шунида мешуд.

Вай ҳеҷ хоб намекард. Фонусро бардошта гоҳ ба сари мо меомад, гоҳ дар рӯи суфача рафта менишасту боз ғур-ғур мекард.

Ба ногоҳ аз дарун чи-чи-чии чӯҷае шунида шуд. Ҳама якбора бетокат шудем. Маллаву Толиб қариб, ки аз ҷойҳояшон хеста буданд. Сарвожатиамон аз доманашон кашида ишора намуд, ки ҳоло наҷунбанд. Аммо овози он чӯҷа дигар шунида нашуд. Чӯҷахона боз аввала барин хомӯш гардид.

Мо чӣ кор карданамонро надониста, монанди гурбаи мушро поидаистодагӣ наҷунбида менишастем. Ҳамин вакт ба наздамон боз амаки Қурбонсаид омад. Ҳанӯз фурсати ба ӯ ягон гапе гуфтани сарвожатый нарасида, дар рӯи чӯҷахона чунон талотӯби воҳиманоке сар шуд, ки гӯё замини он ҷоро касе бо чӯбдаст кӯфта истода бошад. Чи-чии чӯҷаҳо низ авҷ гирифт. Сарвожатиамон ҷаста аз ҷояш хест. Ман дари чӯҷахонаро якбора кушодаму „Толиб, фонус!" гуфта хитоб кардам. Ногоҳ касе маро сахт тела дода, худро ба чӯҷахона зад. Ман „албатта, амаки Қурбонсаид будагист" гуфта аз дил гузарондам.

Толиб фонусро аз сараш ҳам баланд бардошта, саросемавор аз остона дарун даромад. Чӯҷахона якбора равшан шуда рафт. Дар байн як мори сиёҳи аз ҳад дароз, ки гоҳ ба як чизи лӯнда мепечиду гоҳ худро аз он чиз канда ба фарши

чӯҳахона мезад, рӯшноии фонусро дида то нимаи танаш рост шуд.

— Гурезед! Гурезед, ки ба ҳамаатон захр мезанад!—гуфта хитоб кардани амаки Қурбонсаид ҳамаро ба хаяҷон овард. Амаки Қурбонсаид аз сари китфи ману Толиб дошта чунон сахт кашид, ки ҳам худамон берун баромадему ҳам фонусро аз даст афтонда хомӯш кардем. Ҳама ҷо якбора гӯр барин тип-торик шуд. Амаки Қурбонсаид бошад, ҷои гӯгирдро фаромӯш карда, саросемавор кисаҳояшро мекофт. Бачаҳо низ чунон саросема шуда буданд, ки дар торикӣ бо якдигар „пешонаҷанг" мекарданд. Вале ҳеҷ кадомамон умед надоштем, ки морро ба даст



афтонда метавонем. Худ аз худ маълум, ки вай то гӯгирдро ёфтани амаки Қурбонсаид нигоҳ карда намеистад. Ҳамин вақт аз чӯҳахона садои ба девор тараққос зада расидани калтаке баромаду:

— Мана ба ту маккор!—гуфтани бачае шунида шуд.

Ҳамаи мо ба дари чӯҳахона нигоҳ карда „Малла! Малла! Ту дар куҷо?!" мегуфтем. Вале ҳеҷ бовариамон намеомад, ки Малла дар чӯҳахона монда бошад.

— Ман дар ин ҷо, мана, кораша кардам,—шунида шуд овози Малла.

Сарвожатиамон ба фонусгиронии амаки Қурбонсаид нигарон нашуда, худро ба чӯҳахона зад. Аз қафои вай мо ҳам даромадем. Дар ин ҳангом амаки Қурбонсаид фонусро гиронд.

Мо боз якдигарро бемалол дида метавонистагӣ шудем.

Ранги Малла пахта барин кандагӣ, чашмони хаяҷонноки кабудчааш оташвор дурахшида меистоданд. Лекин ӯ худро далер нигоҳ медошт.

— Ба худат хеҷ кор нашудааст-мӣ?—ғамхорона мепурсид сарвожатиамон.

Мори аз нисфи танаш захмдоршуда, ки кариб якуним метр дарозӣ дошт, дар рӯи чӯҷахона печу тоб хӯрда мехобид. Хорпуштчаи далер бошад, ҳамон ба думи вай кана барин маҳкам часпида гирифта буд.

— Ба ҷасоратат коил ман,—гуфт амаки Қурбонсаид аввал ба Малла, сонӣ ба мор нигариста.—Офарин, шери амак!

— Дар хакикат ҳам далерӣ, далерӣ,—мегуфт такрор карда сарвожатиамон.

— Расо корнамой нишон додӣ, Малла!

— Кандата зан, Малла!—мегуфтем мо ҳам хурсандона. Дар як дам атрофи ӯро печонда гирифтем.

— Дар вокеъ, Малла,—гуфт амаки Қурбонсаид,—морро чӣ тавр захмдор кардӣ?

—Аҷоиб шуд,—гӯён ба накл сар кард Малла.—Вакте ки фонус афтиду ҳамаи шумоён берун баромадетон, мор тамоми куввaашро сарф карда ба девор часпид. Вай, албатта ба чашм наменамуд. Ман онро танҳо аз фашшос зада баромада рафта истоданаш фаҳмидам. Яке диккат кардам, ки вай аллакай кариб ба миёнаи девор часпида баромадааст. Шумоён бошетон, бо ғалогулаи худ чизеро намешунидетон. Калтакро маҳкам доштаму давида ба назди мор рафтам. Аз афташ, мор маро тарсонданӣ шуда, ба сӯям хашмгинона назар афканд. Вай чашмонашро ба ман чунон дӯхт, ки ба монанди шарора дурахшида рафтанд. Ман ҳам вактро аз даст надода, поёнтари он шарораро ба нишон гирифтам, ки окибаташро дида истодаетон.



— Э офарин, офарин!—гуфт боз амаки Қурбонсаид.—Ман акнун ба ту қоил шудам, Маллаҷон.

Баъд ба мо рӯ овард.

— Мана, рӯз ҳам сафедӣ кард,—гуфт ба берун ишора карда,—ман зуд рафта ба мудири ферма хабар диҳам, ки худаш омада бинаду ба шумоён қоил шавад.

— Бале,—гуфта гапи ӯро маъқул кард вожатый.—Ҳамаашон омада бинанду ба кори инҳо қоил шаванд.

*Қишлоқи Қирғизони райони Орҷоникидзеобод*
*Сентябри соли 1957.*

## МУНДАРИЧА


I. Ба як қарор омадем . . . . . . . . . . 3
II. Қавли пионерӣ . . . . . . . . . . . . . 7
III. Муваффақиятҳои аввалин . . . . . . . 14
IV. Офат . . . . . . . . . . . . . . . . . 23
V. Гумонҳо . . . . . . . . . . . . . . . . 28
VI. Мактуб. . . . . . . . . . . . . . . . . 36
VII. Гунаҳгори бегуноҳ . . . . . . . . . . 40
VIII. Ёрии ҷӯраҳо . . . . . . . . . . . . 45
IX. Мурғ хуррок мекашад ё не? . . . . . . 51
X. Бобои Толиб . . . . . . . . . . . . . . 57
XI. Ба даст афтод! . . . . . . . . . . . . 62

5 тин

105634

